САРНАВШТИ ШОҲКОРИ УСТОД АЙНӢ с. 9

«E-KHONISH» ДАР БОХТАР с. 2

ЗАНОНИ МАҲБУС БА ВАТАН БАРМЕГАРДАНД с. 3

ТОҶИКИСТОН

№ 15 (1679), 15.04.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992





55 ОШЁНА ДАР ДУШАНБЕ

афсона ё ҳақиқат?

ДАР ИН ШУМОРА:

ИСТАРАВШАН
Соҳибкор СИЗО сохт с.2

ҲАҚҚИ ЗӮР
Ояндаи Ховари Миёна дар суҳбати сиёсатшинос с.3

СИЁСАТ
Оташбаси Эрону Амрико тамдид мешавад? с.4

ИҚТИСОДИ САБЗ
Дар форуми байналмилалии Душанбе чӣ гуфтанд? с.7

ҲУШДОР
“Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд” с.8

ФИРӮЗ БАРАКАЕВ
Дастоварди ҷаҳонии табиби тоҷик с.10

НАВГОНӢ
“Орион” аз Моҳ баргашт с.4

ВАРЗИШ
Горан Стеванович тарки Тоҷикистон кард с.3



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

«E-KHONISH» ДАР БОХТАР

Дар шаҳри Бохтар барномаи «E-khonish» муаррифӣ ва расман ифтитоҳ шуд. Ин иқдом дар самти рушди соҳаи маориф ва гузариш ба технологияҳои муосири таълимӣ қадами муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маросими ифтитоҳ раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, инчунин раисони шаҳру ноҳияҳо ва дигар масъулин иштирок намуданд. Иштирокдорон бо имкониятҳо, бартарихо ва шароити фароҳамгардидаи барномаи «E-khonish» аз наздик шинос шуданд.

Ба гуфтаи Шоиста Абдуназарзода, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Бохтар, татбиқи чунин барномаҳо ба баланд бардоштани сифати таълим мусоидат намуда, барои омода намудани мутахассисони рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир замина фароҳам меорад.

Зикр гардид, ки Маркази омӯзишии платформаи «E-khonish» бо таҷҳизоти муосир таъмин буда, барои омӯзиши босифат шароити заруриро муҳайё кардааст.

$14 МЛН БАРОИ РОМИТ

Марҳилаи дуюми лоиҳаи “Сохтмони таъминоти нерӯи барқ” дар ҷамоати Ромити шаҳри Ваҳдат оғоз гардид. Маросими оғози корҳои сохтмонӣ 4-уми апрел дар зеристгоҳи барқии Явроз баргузор шуд.

Дар ин чорабинӣ сафири Кореяи Ҷанубӣ дар Тоҷикистон Ҷон Сонг-Сик, муовини вазири энергетика ва захираҳои об Манучеҳр Сафарзода ва раиси шаҳри Ваҳдат Мирзо Исмоилзода иштирок намуданд.

Лоиҳа бо дастгирии Оҷонсии Куриё оид ба ҳамкории байналмилалӣ (KOICA) амалӣ гардида, ҳадафи он беҳтар намудани дастрасии аҳолии минтақаҳои кӯҳистон ба нерӯи барқ мебошад. Барои татбиқи он 14 миллион доллар ҷудо шудааст.

Дар доираи марҳилаи дуюм сохтмони зеристгоҳи нави барқии Явроз (110/10 кВ), васеъсозии зеристгоҳи Ромит (110/20/10 кВ), насби трансформаторҳои нав ва кашидани 60 километр хатҳои интиқол ва тақсимоти барқ пешбинӣ гардидааст.

Бо татбиқи пурраи тарҳ 15 деҳаи ҷамоати Ромит фаро гирифта шуда, беш аз 8 ҳазор сокин ба нерӯи барқ дастрасӣ пайдо мекунанд.

СОҲИБКОР СИЗО СОХТ

Дар шаҳри Истаравшан бозdoштгоҳи муваққатии нав (СИЗО) ба истифода дода шуд, ки бо маблағгузории як соҳибкори маҳаллӣ бунёд гардидааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки фарзанди ин соҳибкор қаблан дар ҳамин муассиса нигоҳдорӣ мешудааст.

Бозdoштгоҳи муваққатии ЯТ9/5-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, ки пештар дар маркази шаҳр, наздики Қалъаи Муғ ҷойгир буд, ҳоло ба ҷамоати деҳоти Зарҳалол, дар даромадгоҳи шаҳр кӯчонида шудааст.

Бинои нав рӯзи 10-уми апрел бо иштироки Мансурҷон Умаров, сардори Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, Раҷаб Аҳмадзода, раиси вилояти Суғд ва Абдусаттор Қодирӣ, раиси шаҳри Истаравшан мавриди истифода қарор гирифт.

Ба гуфтаи муовини раиси шаҳр Парвизҷон Зафарзода, бинои қаблӣ зиёда аз 100 сол дошта, бинобар фарсудагӣ ва намнокии зиёд хатари паҳншавии бемории сил миёни бозdoштшудагон афзоиш ёфта буд.



САФИРОНИ НАВТАЪЙИНИ ХОРИҶӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

15-уми апрели соли равон дар шаҳри Душанбе Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз як гурӯҳ сафирони навтаъйини давлатҳои хориҷӣ эътимоднома қабул намуд.

Зимни маросим ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон Ирфон Аҳмед, Подшоҳии Арабистони Саудӣ Холид ибни Абдулло Аш-Шамронӣ, Ҷумҳурии Арабии Миср Тамер Фатҳӣ Абдуссалом Ҳаммад, Ҷумҳурии Италия Гвидо Де Санктис, Шоҳигарии Белгия Эрик Де Майер, Ҷумҳурии Демократии Сотсиалистии Шри Ланка Фред Сеневиратне, Ҷумҳурии Зимбабве Грей Маронгве, Ҷумҳурии Малӣ Сейду Камиссоко ва Гвинеяи Экваторӣ Ндонг Айекаба Лусиано Нкого эътимодномаҳои худро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳояшон тақдим карданд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ сафирони навро ба муносибати оғози фаъолияти дипломатиашон дар Тоҷикистон табрику таҳният гуфт.

Сарвари давлат аз робитаҳои фаъоли дипломатӣ бо 186 кишвари ҷаҳон дар соҳаҳои гуногун ёдовар шуда, изҳор дошт, ки сафирон бо иқдомот ва тадбирҳои амалии худ метавонанд ба таҳкиму тавсеаи минбаъдаи ҳамкории миёни кишварҳои мо ҳамаҷониба мусоидат намоянд.

САРИ САБЗ



Ҳусейн ДАВЛАТЗОДА,
прокурори вилояти Суғд

- Дониши баъзе (аз кормандони прокуратура – ред.) ба талабот ҷавобгӯй набуда, даст ба амалҳои ношоиста мезананд. Баъзе аз кормандон ба марказҳои дилҳушӣ ва дигар ҷойҳои фароғатӣ рафта, ба истеъмоли ҳар гуна нӯшокиҳо ва маводҳо машғул гардида, дар баъзе маврид оромии сокинонро халалдор мекунанд.

- Эҳа, шумо ҳоло ҳам аз хосияти баъзе нӯшокиҳо огоҳ набудаед ку! Инҷо дониш ягон дахле надорад. Баъзе нӯшокиҳо дар даруни шиша ороманд, берун шуданд, чӣ ба прокурор ва чӣ ба мудири маориф як хел таъсир мекунанд.



Дилдора СЕКЛЕР,
доктори илмҳои тиб

- Тарс қариб ҳамеша дар ҷое пайдо мешавад, ки дониш намерасад. Вақте одамон намедонанд, ки ВНМО чӣ гуна мегузарад, онҳо аз муоширати одӣ - дастфишорӣ, суҳбат ё кори якҷоя метарсанд. Аммо ин тарсҳо бо воқеият ҳеҷ иртиботе надоранд.

- Пас, барои бартараф кардани тарс, шумо - мутахассисон бояд барои шарҳу фаҳмондадиҳӣ барномаҳои мушаххасе дошта бошед, ки иртибот надоштани тарсро бо воқеият исбот намоянд.



Хуршед АТОВУЛЛО,
рӯзноманигори тоҷик

- Зӯран сари инсоф овардани савдогарон, ки бисёре ҳочӣ ҳам ҳастанд, ба ҳован об кӯбидан аст. Зеро талаби масъулон «ҳоҷиён»-у савдогаронро ба содир кардани гуноҳҳои дигар дар моҳи шарифи Рамазон водор мекард: Онҳо аз тарозу мезаданд ва ё моли бесифатро пешкаш мекарданд.

- Ин тавр бошад, замони фаъолшавии ҳарчи бештари “Тоҷикстандарт” фаро расидааст. Ку бинем, баъди пурзӯр шудани санҷиш чӣ миқдор тарозуҳову моли бесифат аз бозор берун карда мешавад...



ҲАҚҚИ ЗЎР ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

Ояндаи Эрону Амрико дар суҳбат бо сиёсатшинос Шералӣ Ризоён

11 ВА 12-УМИ АПРЕЛ ДАР ШАҲРИ ИСЛОМОБОДИ ПОКИСТОН МУЗОКИРАИ ҲАЙАТҲОИ ЭРОНИВУ АМРИКОӢ БЕ НАТИҶА АНҶОМ ЁФТ. ҲАЙАТҲОРО РАИСИ ПАРЛУМОНИ ЭРОН ВА МУОВИНИ ПРЕЗИДЕНТИ ИМА РОҲБАРӢ МЕКАРДАНД. ДАР 47 СОЛИ МАВҶУДИЯТИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМӢ ДАР ЭРОН ИН АВВАЛИН БОР БУД, КИ БО АМРИКО БА ТАВРИ МУСТАҚИМ ВА РӮ БА РӮ МУЗОКИРА СУРАТ ГИРИФТ. ДАР ИН МАВЗУЪ СУҲБАТЕ ДОШТЕМ БО СИЁСАТШИНОС ШЕРАЛӢ РИЗОЁН, КИ ФИШУРДАИ ОНРО МАНЗУРИ ШУМО МЕКУНЕМ.

- Сабаби асосии бенатиҷа поён ёфтани музокираи Исломободро дар чӣ мебинед?

- Дар давраи аввали музокирот ба натиҷа расидани ҷонибҳо имкон надошт, вале дар пайи ҷанги 40-рӯза баргузории гуфтушунид худ натиҷаи мусбат аст, чун тарафҳо имкон пайдо карданд шартҳоеро, ки пеши якдигар гузошта буданд, баррасӣ кунанд. Дар расонаҳои байналмилалӣ хабарҳо ҳаст, ки ин ҳафта давраи дуюми музокирот миёни Эрон ва ИМА баргузор хоҳад шуд. Вале ин дафъа вежагӣ ин аст, ки дар ҷомеаи кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ, ки қаблан дар чунин ҳолатҳо аз як гиребон сар бароварда, амал мекарданд, имрӯз чунин умумияти назар ва дидгоҳҳо мушоҳида намешавад. Имрӯз Амрико як чиз мегӯяд, вале шарикони муҳимаш дар Аврупо, аз ҷумла Фаронса ва Британиё чизи дигар. Агар то поёни оташбас, яъне 21-уми апрел ҷонибҳо доир ба бахшҳои муҳими шартҳое, ки ба ҳамдигар гузоштанд, ба натиҷае бирасанд, ин ҷанг бо созиш ё ҳадди ақал бо тавофуқ ба анҷом мерасад, вале агар ба созиш нарасанд, дубора оғоз шудани даргириҳо аз эҳтимол дур нест.

- Маълум аст, ки ду кишваре, ки қариб ним аср боз ихтилоф доранду ҳоло ҳам дар ҳоли ҷанганд, дар як нишаст наметавонанд ба созиш бирасанд. Вале имкон дошт, ки ақаллан даври баъди музокиротро муайян кунанд ва ин масирро идома диҳанд. Аммо ин ҳам нашуд. Ба назари шумо оё дар оянда музокира байни ин ду кишвар сурат хоҳад гирифт ё не?

- Ин аз эҳтимол дур нест. Чунки тавофуқ барои ҳар ду ҷониб муҳим аст. Агар шумо мушоҳида карда бошед, вақте эълон шуд, ки музокирот ба натиҷа нарасид, нархи маводи сӯхт дубора дар бозори ҷаҳонӣ боло рафт. Бинобар ин, ҷонибҳо дар ин давра талош мекунанд, ки аз фишори равонӣ нисбат ба якдигар истифода баранд. Ин ҷо ба эҳтимоли зиёд тарафе ғолиб меояд, ки ба ҳамин фишорҳои равонӣ тобоварӣ дошта бошад. Дар тӯли 40 рӯзи ҷанг мо дидем, ки давлатмардони Эрон ба ҳадди аксари фишорҳо тобоварӣ доранд. Ҳар чӣ буду набуд, Эрон тавонист ба бисёре аз даъвоҳо ва хостаҳои худ машруияти байналмилалӣ бахшад. Масалан, то ин ҷанг ба хеле аз нуктаҳое, ки аз ҷониби Эрон гуфта мешуд, ба вежа дар мавриди ғанисозии ураниум ва ё бекор кардани таҳримҳои байналмилалӣ, кишварҳо назари мукобил доштанд ва онҳоро ҳамчун шартҳои ғайри қобили пазириш арзёбӣ мекарданд. Ба ёд оред тирамоҳи соли гузаштаро, ки кишварҳои аврупоӣ барои эҳёи дубораи таҳримҳои СММ нисбат ба Эрон овоз дода буданд. Ҳоло аксари ин кишварҳо ҳамин шартҳои Эронро табиӣ эътироф мекунанд, ки ин барои Эрон падидаи мусбат аст, вале барои ИМА дар сиёсати байналмилалӣ чолиш эҷод мекунад.

- Амрико ва Эрон аз 8-уми апрел ба хотири пешбурди музокира ба муддати ду ҳафта оташбас эълон карданд. Агар ин муҳлат ба поён расад, оё хатари дубора аланга гирифтани оташи ҷанг вуҷуд дорад ё оташбас тамдид хоҳад шуд?

- Як вежагии ИМА ва ҳамчунин Эрон дар ин аст, ки ин кишварҳо ғайри қобили пешбинӣ ҳастанд. Махсусан ИМА ва раисҷумҳури он, ки дар як рӯз се изҳороти гуногун медиҳад. Дар 40 рӯзи ҷанге, ки мо дидем, аксари қадамҳое, ки аз ҷониби Эрон бардошта шуданд, низ ғайри қобили пешбинӣ буданд. Рӯшан аст, ки ҷонибҳо барои идомаи ҷанг манфиатдор нестанд, зеро ин барои ҳар ду кишвар чолишҳои муайян офарид. Аммо тавре гуфтем, агар як тавофуқе ба даст наояд ва оташбас ба як давраи номуайян равад, ин далели омодагӣ ба ҷангро дорад. Назари дигаре ҳам ҳаст. Аз рӯйи навиштаҳои расонаҳои наздик ба ИМА ва Эрон, гумоне ҳаст, ки ҷонибҳо дар музокирот бар аксари қулли масоиле, ки буд, ҳатто барои давраҳои ғанисозии ураниум ба тавофуқ расидаанд, вале барои он ки шарикону рақибон дар ҳолати шок наафтанд, ҳар ду ҷониб эълон карданд, ки музокирот натиҷа надод. Агар гуфтушуниди аввал бидуни натиҷа ва бидуни шакл гирифтани як дидгоҳи умумӣ анҷом мешуд, талошҳо барои баргузор шудани даври дуюми музокирот сурат намегирифт. Аммо ин ҷо як бозии бузург вуҷуд дорад ва агар овозаҳо ба шароити воқеӣ мувофиқат накунанд, ин метавонад барои фиреби роҳбурдии Эрон рӯйи даст гирифта шуда бошад.

- Яке аз мавзуҳои асосии мавриди ихтилоф гулӯгоҳи Ҳурмуз аст. Эрон мехоҳад, ки он дар ихтиёраш бошад ва аз киштиҳо ҳаққи убур гирад. Амрико талаб дорад, ки он мисли пештара озод бошад. Низоми ҳуқуқи байналмилалӣ дар ин хусус чӣ мегӯяд?

- Дар ду-се даҳсолаи охир ҳар кишвар низоми ҳуқуқи байналмилалиро ба он тавре, ки мехоҳад, тафсир мекунад. Агар низоми ҳуқуқи байналмилалӣ амал мекард, ҷангҳои зиёде, ки дар ин авохир сурат гирифт, аз ҷумла ҳамлаи Исроил ва Амрико ба Эрон сурат намегирифт. Бинобар ин, ишора кардanамон ба ҳуқуқи байналмилалӣ оқилона нест, зеро дар дунё ба назар мерасад, ки нерӯи қонун бартарӣ дар баробари ҳаққи зӯр надорад. Ва дар дунё дар сиёсати байналмилалӣ, аллакай мо пурра дар амал татбиқ шудани ҳаққи зӯрро мебинем.

Ба барномаи музокирот афтодани омили гулӯгоҳи Ҳурмуз худ як эътирофи ғайрирасмии ҳаққи Эрон барои назорат аст, зеро дар 40 рӯзи ҷанг яке аз омилҳои асосие, ки кишварҳои ҳампаймони Амрикоро барои пазириши шартҳои Эрон водор кард, ин ба таври физикӣ контрол кардани гулӯгоҳи Ҳурмуз буд. Агар мо аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ баён кунем, чандин гузинаҳоро метавонем ном барем. Имрӯз Фаронса ва Британиё барои фарохони як ҳамоиши байналмилалӣ барои сарнавишти ояндаи Ҳурмуз омодагӣ мебинанд. Шояд баъзе моделҳое, ки ба гузаргоҳҳои дигари баҳрии ҷаҳон мавҷуд аст ва ҳар кадом кейси муайян барои вуруду убури киштиҳо, ба вежа киштиҳои ҷангӣ дорад, нисбат ба гулӯгоҳи Ҳурмуз татбиқ шавад ва ҳаққи назорат, ба вежа назорати киштиҳои низомӣ ба Эрон гузарад. Ин барои амнияти Эрон бисёр муҳим аст. Чун аз нигоҳи амалӣ ҳоло ин гулӯгоҳ зери назорати Эрон қарор дорад.

- Доналд Трамп пас аз шикасти музокироти Исломобод эълон кард, ки дастури муҳосираи гулӯгоҳи Ҳурмузро додааст. Ин ба кадом маъност? Оё Амрико Ҳурмузро муҳосира карда метавонад? Ва агар Эрон муқовимат кунад, чӣ ҳодиса мешавад?

(Давомаш дар саҳ. 5)

ЗАНОНИ МАҲБУС БА ВАТАН МЕОЯНД

То 200 зани шаҳрванди Тоҷикистон, ки дар зиндонҳои Русия адои ҷазо мекунанд, метавонанд ба ватан истирдод шаванд. Дар ин бора ваколатдори ҳуқуқи инсон (омбудсмен)-и Русия Татяна Москалкова хабар додааст.

Ба иттилои хабаргузории «ТАСС», Москалкова гуфтааст, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба номаи ӯ вобаста ба истирдоди занони маҳбус посухи мусбат дарёфт шудааст.

Ба гуфтаи омбудсмени Русия, занони хориҷӣ дар зиндонҳои ин кишвар бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ буда, аз ҷумла имкони маҳдуди мулоқот бо наздикони худро доранд. Аз ин рӯ, пешниҳод шудааст, ки онҳо ҷазои худро дар Тоҷикистон идома диҳанд.

Қаблан ваколатдори ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон Умед Бобозода зимни нишасти хабарӣ аз ин масъала хабар дода, гуфта буд, ки теъдоди занони пешниҳодшуда барои истирдод беш аз 150 нафарро ташкил медиҳад. Ба таъкиди Бобозода, барои қабули ин занон омодасозии муассисаҳои ислоҳӣ зарур аст. «Барои овардани онҳо мо бояд зиндонҳоро омода кунем, то онҳоро ҷойгир намоем»,- гуфта буд ӯ.

Дар ҳамин ҳол, ҷузъиёти номаи ҷавобии ҷониби Тоҷикистон ва ҳамчунин муҳлати дақиқи истирдод ҳанӯз маълум нест.

СТЕВАНОВИЧ ТАРКИ ТОҶИКИСТОН КАРД

Мураббии сербӣ Горан Стевановић бинобар анҷоми мӯҳлати шартнома вазифаи сармураббии дастаи миллии Тоҷикистонро тарк кард.

Ба иттилои Федератсияи футболи Тоҷикистон, таҳти роҳбарии ӯ тими миллӣ дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 натиҷаи хуб нишон дода, дар 4 бозӣ 3 пирӯзӣ ва як мусовӣ ба даст оварда, ба қисми ниҳоӣ роҳ ёфт.

Федератсия ба Стеванович барои саҳмаш дар рушди дастаи миллӣ изҳори сипос карда, ба ӯ дар фаъолияти минбаъда барору комёбӣ орзу намуд.

Посухи Попи Рум ба Президенти ИМА

Леои шонздаҳум, попи Рум ва раҳбари 1,4 миллиард католики ҷаҳон гуфт, ки ба мухолифаташ ба ҷанг идома медиҳад. Изҳороти ӯ дар вокуниш ба танқиди Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико садо дод.




Ӯ 13-уми апрел ҳангоми сафараш ба Алҷазоир дар мусоҳиба бо хабаргузории "Рейтерс" гуфт, ки "ман бар зидди ҷанг садо баланд хоҳам кард".

"Имрӯз дар ҷаҳон одамони зиёд ранҷ мекашанд. Бисёре аз одамони бегуноҳ кушта мешаванд. Ба назари ман, касе бояд бархезаду бигӯяд, ки роҳи бехтаре ҳам ҳаст",- афзуд раҳбари католикҳои ҷаҳон.

Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико рӯзи 12-уми апрел поп Леоро барои мавзеъгирии Ватикан дар мавриди ҷанг бо Эрон танқид карда, гуфт, попи Рум "бо кишваре бозӣ мекунад, ки мехоҳад силоҳи ҳастаӣ дошта бошад".

Бозгашти "Орион" аз Моҳ



Киштии кайҳонии амрикоии "Орион", ки бо чаҳор фазонаварди ба Моҳ парвоз карда буд, бо муваффақият баргашт. НАСА ё Оҷонси кайҳоншиносии Амрико аз фуруд омадани кайҳоннавардон дар соҳили уқёнуси Ором, дар Иёлоти Муттаҳида хабар додааст.

Ин парвози таърихӣ дар доираи маъмурияти дувуми Артемис ва баъди 53 сол сурат гирифт ва онро як озмоиши муҳиме барои бозгашти инсоният ё фатҳи дубораи Моҳ меноманд. Се фазонаварди амрикоӣ ва як фазонаварди аз Канада рӯзи якуми апрел барои аввалин бор дар таърихи инсоният дар умқи кайҳон ё масофаи рекордии дур аз Замин чарх заданд. Ин сафари озмоишӣ 10 рӯзро дар бар гирифта, ҳадаф санҷиши вазъу тобоварии кайҳоннавардон дар масофаи дур буд. Интизор меравад, ки аллакай соли оянда парвози навбатии кайҳоннавардон бо фуруд омадан ба сатҳи Моҳ сурат гирад.



ИСРОИЛУ ЛУБНОН ВОРИДИ МУЗОКИРА МЕШАВАНД

14-уми апрел дар Вашингтон мулоқоти мустақими сафирони Исроил ва Лубнон дар Амрико баргузор шуд. Дидори Йехиэл Лейтер ва Надо Ҳамодаҳ бо миёнҷигарии Марко Рубио, вазири корҳои хориҷии Иёлоти Муттаҳида баргузор гардида, тақрибан ду соат идома ёфт.

Ба навиштаи "Ал-Ҷазира", ин аввалин мулоқоти рӯ ба рӯи намояндагони расмии ду кишвар аз соли 1983 ба ин сӯ мебошад ва метавонад оғози марҳилаи нави муносибатҳои ду кишвари даргир ба ҳисоб равад.

Вазорати корҳои хориҷии Амрико пас аз анҷоми мулоқот эълон кард, ки тарафҳо ба мувофиқа расидаанд, то музокироти мустақимро дар замону макони мувофиқ, ки ба таври муштарак интихоб мешавад, оғоз намоянд. Ин иқдом дар шароите сурат мегирад, ки даргириҳои мусаллаҳона миёни ду кишвар ҳанӯз идома доранд ва вазъ дар минтақаи Ховари Миёна ҳассос боқӣ мемонад.

Сафири Исроил Йехиэл Лейтер пас аз мулоқот изҳор дошт, ки "марзҳои байни ду кишвар бояд ба таври возеҳ ва дақиқ муайян карда шаванд". Ба гуфтаи ӯ, дар оянда гузашти сокинони ду кишвар аз марз танҳо бо ҳадафҳои осоишта, кор ё истироҳат сурат хоҳад гирифт. Ӯ ҳамчунин иддао кард, ки Ҳизбуллоҳ "беш аз ҳарвақта заиф шудааст" ва Исроил талошҳои худро барои маҳви он идома медиҳад.

Дар навбати худ, сафири Лубнон Надо Ҳамодаҳ гуфтугӯҳоро "созанда" арзёбӣ намуда, ба зарурати иҷрои фаврии созишномаи қатъи даргириҳо, ки моҳи ноябри соли 2024 ба даст омада буд, таъкид кард. Ин созишнома пас аз 13 моҳи ҷанги шадид миёни Исроил ва Ҳизбуллоҳ ҳосил шуда буд, аммо бо вуҷуди он ҳамлаҳои Исроил ба ҳоки Лубнон идома ёфтанд. Ҳамодаҳ инчунин зарурати барқарории оташбас ва бозгашти беш аз як миллион овораи лубнониро ба манзилҳои худ матраҳ кард.


Бо вуҷуди ин пешрафтҳо, ихтилофҳои ҷиддӣ байни тарафҳо ҳанӯз ҳал нашудаанд. Ба гузориши "Ал-Ҷазира", Исроил аз баррасии масъалаи оташбас худдорӣ карда, аз Бейрут талаб кардааст, ки Ҳизбуллоҳро халъи силоҳ намояд. Аммо ин гурӯҳ чунин талаброд кардааст.

Илова бар ин, худи Ҳизбуллоҳ низ мухолифи музокироти мустақим буда, дар ин раванд ширкат накард. Раҳбари он Наим Қосим пеш аз баргузории мулоқот ин гуфтугӯҳоро "беҳуда" хонда буд.

Ёдовар мешавем, ки низои кунунӣ пас аз авҷ гирифтани танишҳо дар минтақаи Ховари Миёна ва кушта шудани Алии Хоманаӣ дар моҳи март шиддат гирифт.

ОТАШБАС БО ЭРОН ТАМДИД МЕШАВАД?

Доналд Трамп, президенти Амрико гуфтааст, ки нақша надорад оташбасро бо Эрон тамдид кунад. Ӯ рӯзи 14-уми апрел дар суҳбат бо телевизиони амрикоии ABC тахмин кард, ки "барои Эрон шояд созиш беҳтар бошад, то онҳо кишварашонро барқарор кунанд".



Амрико ва Эрон 7-уми апрел ба оташбаси духафтаина мувофиқат карда, сипас дар Покистон сари мизи музокирот нишастанд, аммо барои хатми ҷанг ба созише нарасиданд. Президенти Амрико аз эҳтимол дур намедонад, ки дар як-ду рӯзи оянда даври нави музокироти ду ҷониб аз сар гирифта мешавад.

Ҷей Ди Венс, муовини президенти Амрико низ рӯзи 14-уми апрел дар робита бо музокироти Иёлоти Муттаҳидаву Эрон изҳори назар кард. Ба қавли ӯ, беэътимодӣ миёни Вашингтону Теҳрон дар як шаб аз байн нахоҳад рафт.

Ӯ афзуд: "Самимона гӯем, баъди ин 49 сол миёни Эрону Амрико беэътимодӣ зиёд аст. Шумо наметавонед ҳамаи мушкилиҳоро дар як шаб ҳал кунед. Ба фикрам, мардум ҷамъ шуданду талош карданд, то созише ҳосил шавад. Медонед, президенти Амрико ба мо дастур дод, ки ба онҷо рафта, бо нияки нек гуфтушунид кунем. Мо ин корро анҷом додем. Мо ин корро идома медиҳем. Хуб, намедонем, ки чӣ пеш меояд".

Венс раҳбарии ҳайати Амрикоро дар даври аввали музокирот бо Эрон бар дӯш дошт. Ӯ ҳам мисли Трамп таъкид кард, ки Эрон шадидан аз созиш ҷонибдорӣ мекунад.

Доналд Трамп рӯзи 14-уми апрел дар суҳбат бо рӯзномаи амрикоии "Ню-Йорк Пост" изҳор доштааст, ки "мумкин аст дар ду рӯзи оянда иттифоқе рух диҳад ва мо бештар майл дорем, ки ба он ҷо (Покистон) равем". "Эҳтимолаш бештар аст, медонед чаро? Чун фармондеҳи артиши Покистон Осим Мунир корашро олӣ анҷом медиҳад",- гуфтааст Трамп дар суҳбат бо ин расона.

Осим Мунир, фармондеҳи кулли Артиши Покистон ҳамроҳ бо Шаҳбоз Шариф, нахуствазири ин кишвар миёнҷии даври аввали музокироти Ҷумҳурии Исломӣ ва Иёлоти Муттаҳида барои поён додан ба ҷанги Амрико дар Эрон буданд.


Назари мақомоти Эрон дар мавриди баргузории даври дуюми гуфтугӯҳои Теҳрон ва Вашингтон маълум нест. Вале хабаргузории эронии ИРНА чанд соат пеш навишт, ки Эрон ҳанӯз тасмими расмӣ дар мавриди ин музокиротро нагирифтааст.

Ин расона ба қавл аз манбаъҳои худ гузориш додааст, ки "Шаҳбоз Шариф рӯзҳои ҷумъа ва шанбе ду сафари расмӣ ба Арабистони Саудӣ ва Туркия анҷом медиҳад, аз ин рӯ, баъзе расонаҳо иддао кардаанд, ки даври навбатии музокирот дар Исломобод пеш аз сафари нахуствазири Покистон баргузор мешавад".

Баъд аз анҷоми музокироти ноком нерӯҳои мусаллаҳи Амрико муҳосираи гулӯгоҳи Ҳурмузро оғоз намудаанд.

СЕНТКОМ ё Ситоди марказии фармондеҳии Амрико, ки назорати амалиётро дар Ховари Миёна бар уҳда дорад, 14-уми апрел дар шабакаи "X" навишт, ки тамоми равуо тавассути гулӯгоҳи Ҳурмуз қатъ шудааст.

Эрон аз оғози низоъ равуои киштиҳоро дар ин гулӯгоҳи стратегӣ, ки тавассути он то бист дарсади сӯзишворӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ содир мешавад, маҳдуд кард.



55 ОШЁНА ДАР ДУШАНБЕ
афсона ё ҳақиқат?

ДАР МАРКАЗИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР ҶОЙИ БОЗОРИ МАЪРУФИ “ШОҲМАНСУР”, КИ БЕШТАР БО НОМИ “ЗЕЛЁНИЙ БОЗОР” ШИНОХТА МЕШУД, ТАРҲИ ЯК МАҶМААИ БУЗУРГИ ТИҶОРАТӢ ВА ИСТИҚОМАТӢ ПЕШНИҲОД ГАРДИДААСТ. ИН ЛОИҲА АЗ ҶОНИБИ ШИРКАТИ “COOL DESIGN” ТАҲИЯ ШУДААСТ ВА ЯКЕ АЗ КАЛОНТАРИН ТАРҲҲОИ ШАҲРСОЗИИ СОЛҲОИ ОХИР ДАР ПОЙТАХТ БА ҲИСОБ МЕРАВАД.

Дар асоси маълумоти нашршуда, маҷмаа аз чандин биноҳои баландошёна иборат хоҳад буд, ки баландии онҳо аз 28 то 55 ошёна мерасад. Бинои асосӣ - 55-ошёна эҳтимол ба яке аз баландтарин сохтмонҳои шаҳр табдил меёбад. Лоиҳа сохтмони марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, биноҳои истиқоматӣ, меҳмонхона, биноҳои маъмурию ҷамъиятӣ, таваққуфгоҳи дусатҳаи нақлиётиро дар бар мегирад. Яке аз хусусиятҳои муҳими лоиҳа таваҷҷуҳ ба инфрасохтори иҷтимоӣ мебошад. Тибқи нақша, мактаб барои 1200 хонанда, кӯдакистон барои 300 нафар, бунгоҳи тиббӣ низ дар ҳамин ҳудуд бунёд хоҳанд шуд. Яъне, тарҳ на танҳо барои тиҷорат, балки барои зиндагии доимӣ низ пешбинӣ шудааст.

Маҷмаа дар як минтақаи васеъ, ки кӯчаҳои А. Дониш, Н. Муҳаммад, А. Деҳлавӣ, А. Лоҳутӣ, А. Адҳамов, Ф. Аттор ва С. Шедринаро дар бар мегирад, сохта мешавад. Пештар дар ин ҷо “Зелёний бозор” ҷойгир буд, ки солҳои дароз яке аз марказҳои асосии савдои пойтахт маҳсуб меёфт.

Ғайр аз ширкатҳои маҳаллӣ, дар амалӣ сохтани лоиҳа иштироки ширкатҳои хориҷӣ аз Ӯзбекистон, Русия ва Имороти Муттаҳидаи Араб низ дар назар аст. Фармоишгари асосии лоиҳа ҶДММ “Тас Интернейшнл Груп” мебошад. Ҳарчанд атрофи қитъаи замин аллакай маҳкам карда шудааст, аммо санаи дақиқи оғози корҳои сохтмонӣ ҳанӯз маълум нест. Марҳилаи лоиҳакашӣ бошад, идома дорад.

Дар сомонаи ширкат гуфта шудааст, ки “То омода шудани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда бастани шартномаи ҳиссагузорӣ тавсия дода намешавад!”.

Қаблан Самӣ Азизиён, сармеъмори шаҳри Душанбе гуфта буд, ки “дар ҷои бозор, ки 30 гектар заминро фаро мегирад, маҷмаа иборат аз меҳмонхона, маркази савдо ва хизматрасонӣ, бинои маъмурию ҷамъиятиву хидматрасонӣ ва ғайра бунёд мешавад”.

Ёдовар мешавем, ки бозори “Шоҳмансур”, маъруф ба “Зелёний бозор” соли 2017 бо қарори раиси шаҳри Душанбе барҳам дода шуда, савдогарон ба бозори “Меҳргон” кӯчонида шуданд. Акнун, баъд аз чанд сол, ин макон ба як маркази нави муосири шаҳр табдил меёбад.

ҲАҚҚИ ЗӮР ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ



Шералӣ Ризоён, сиёсатшинос

(Аввалаш дар саҳ. 3)

- Ин яке аз василаҳои барҷастаи ҷанги равонӣ аст, чун ИМА пештар талаб мекард, аз ҳампаймонҳои худ даъват ба амал меовард, ки бояд гулӯгоҳ боз бошад, ҳоло худ хостори ба муҳосира гирифтан аст ва ин ба хотири он аст, ки кишварҳоро барои пазириши шартҳои ИМА водор кунад. Вале ба таври дарозмуддат муҳосира кардани Ҳурмуз ба иқтисоди байналмилалӣ таъсири манфӣ мерасонад ва кишварҳои абарқудрате, ки иқтисодашон аз маводи сӯхти Халиҷи Форс вобастагӣ дорад, Амрикоро водор ба боз кардан мекунанд, вале барои кӯтоҳмуддат, яъне то давраи дуюми музокирот, барои зудтар қабул шудани баъзе қарорҳо ва пазируфта шудани шартҳои ҳар ду ҷониб амалан мусоидат мекунад.

- Муовини президенти Амрико пас аз музокира дар Исломобод ишора кард, ки ба Эрон як пешниҳоди охирин ва осонтарин додааст ва ин ба он маъност, ки Амрико кӯшиш дорад дари музокира баста нашавад. Тарафи дигар, яъне Эрон чӣ фикр мекунад ва оё омодаи идома додани музокира ҳаст?

- Ин ки эрониҳо ба ҷониби Амрико эътимод надоранд, аз таҷрибаи ду даврааи гузаштаи музокирот аст, ки дар натиҷа Амрико ду маротиба ба Эрон ҳамла кард. Он замон шартҳои Эрон мисли имрӯза набуданд, балки хеле содатар буданд. Дар урфият мегӯянд, ки “кӯр як маротиба асояшро гум мекунад”, вале мо дидем, ки Эрон ду бор ба ин ҳолат гирифтор шуд. Аммо ду ҷанг нишон дод, ки Эрон ҳам тавонмандии дифои ҷиддӣ дорад ва ҳам ба Амрико ва шариконаш хисороти ҷиддӣ расонида метавонад...

- Дар ҷанг, аз як тараф Эрон ва аз тарафи дигар Амрикову Исроил ширкат доштанд. Аммо Исроил акнун ба ҳошия рафтааст: на дар баҳсҳои тавофуқи оташбас ҳузур дошту на дар музокираи Исломобод. Чаро?

- Барои он ки амалан Амрико агар ба ин ҷанг ҳамроҳ намешуд, Исроил ҷуръати ҳамла ба Эронро намекард. Бинобар ин, музокирот бо ИМА мантиқӣ аст, зеро бо соҳиби бор суҳбат кардан дар хариду фурӯш натиҷаи дилхоҳ медиҳад.

- Ва боз дар бораи Исроил. Пас аз шикасти музокирот байни Амрикову Эрон муносибат байни Туркия ва Исроил якбора тезутунд шуд. Додгоҳе дар Туркия бар зиди 35 мақоми баландпояи исроилӣ, аз ҷумла сарвазир ва вазири мудофиаи он кишвар ба гумони даст задан ба ҷиноят зидди башарият парвандаи ҷиноятӣ боз кард. Роҳбарони Исроил президенти Туркияро шадидан танқид намуда ва ҳатто дашном доданд. Фикр мекунед ин оғози боз як буҳрони дигар дар минтақа аст? Ва оё ин таниши Туркияву Исроил ба ҷанги Амрикову Эрон пайвастагие дорад ё не?

- Бори аввал нест, ки чунин таҳдидҳоро аз ҷониби мақомдорони баландпояи Туркия нисбат ба Исроил мебинем, ба вежа пас аз қазияи Фаластин ва Навори Ғазза. Вале миёни гуфтанҳо ва амалкард унсури баръаксро мебинем. Зеро Туркия яке аз шарикони муҳимтарини иқтисодии Исроил аст ва дар ҳамаи даврааҳои танишҳои лафзӣ сатҳи ҳамкории иқтисодии онҳо поён нарафт. Шарики муҳими Туркия Озарбойҷон яке аз таъминкунандагони асосии нафти Исроил аст. Азбаски Туркия дар баробари кишварҳои мусалмоннишин даъвоҳои худро дорад, барои нигоҳ доштани обрӯву эътибори худ, ҳамчун ҳомии кишварҳои мусалмон изҳорот медиҳад, вале амалан коре намекунад. Ҷанги охир дар ҷаҳони Ислом ва дар Ховари Миёна абарқудрати наверо ба вуҷуд оварда, ки он Эрон аст. Туркия ва Эрон ҳам шарикон ва ҳам рақибони таърихӣ ҳастанд ва дар ин ё он масъала ба ҳам омадани онҳо имкон дорад.

- Ҷанги 40-рӯза ба кишвари мо ва умуман ба Осиёи Миёна чӣ таъсир гузошт ва дар оянда чиро интизор шавем?

- Пеш аз ҳама он ба авзои умумии мардум асар гузошт. Чун дар Тоҷикистон мардум ба таври саросарӣ аз Эрон ҷонибдорӣ мекарданд. Зеро Эрон барои мо кишвари бегона нест, мо тамаддун, фарҳанг ва ҳувияти ягона дорем. Ба назари ман, мардуми мо барои худ Эрони дигарро кашф карданд ва агар ин падида ба таври мусбат идома ёбад, барои наздикии бештари кишварҳо таъсири мусбат мерасонад. Ҳамчунин, Эроне, ки баъди ҷанги 40-рӯза пайдо шуд, шояд сиёсат ва роҳкори хешро нисбат ба Осиёи Миёна тағйир диҳад ва дар равандҳои минтақаӣ фаъолтар шавад.

Мусоҳиб:
Барно СОҲИБОВА

РЕЗААХБОР

Дар Тоҷикистон бо ворид кардани тағйирот ба Қонун “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет” пардохти экологӣ ҷорӣ карда мешавад. Тибқи он ҳангоми ворид кардани сӯзишворӣ - нафт, гази табиӣ, ангишт ва маҳсулоти коркардшуда аз он, аз ҷумла бензин ва гази моеъ пардохти экологӣ ситонида мешавад. Ҳоло меъёри пардохт маълум нест ва он аз ҷониби Ҳукумати кишвар муқаррар карда мешавад.

***

Вакилони парлумони Тоҷикистон санадеро тасдиқ карданд, ки дар асоси он шаҳрвандони Тоҷикистон имкон доранд барои муҳоҷирати корӣ ба давлатҳои Белжик (Белгия), Ҳолланд ва Люксембург раванд. Ин санад Ёддошти тафоҳуме аст, ки дар самти муҳоҷират моҳи ноябри соли 2025 байни Тоҷикистону Белжик ба имзо расида буд.

***

Нерӯҳои мусаллаҳи Тоҷикистон дар тамрингоҳи “Ҳарбмайдон” - гарнизони Хатлон размоиши муштаракеро баргузор ва дар он истифодаи паҳподҳоро дар шароити кӯҳсор таҷриба кардаанд. Ба иттилои Вазорати мудофиа, ин размоиши муштараки амалиётӣ-роҳбурдӣ таҳти унвони “Ҳамкорӣ-2026” аз 6 то 10-уми апрел бо иштироки қӯшунҳо ва ҷузъу томҳои сохторҳои қудратӣ дар вилояти Хатлон сурат гирифтааст.

***

Милитсияи Душанбе эълон кард, ки аз 13-уми апрел дар пойтахт амалиёти шартии “Пиёдагард” оғоз шудааст. Ин амалиёт, ки то 23-юми апрел идома меёбад, пешгирии садамаҳо бо иштироки пиёдагардон ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон дар бораи талаботи қоидаҳои ҳаракат дар роҳро пешбинӣ мекунад.

***

Милитсияи Душанбе дар се моҳи соли равон 43 ҳолати монеъ шудан ба таҳсили хонандагонро ошкор карда, алайҳи 43 падару модар парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва барои баррасӣ ба додгоҳ ирсол кардааст. Бар асоси ин иттиҳом ба волидайн аз 78 ҳазор то 93 ҳазору 600 сомонӣ ҷарима (аз 1000 то 1200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо), аз 180 то 240 соат корҳои ҳатмӣ ё то ду соли зиндон ҷазо таҳдид мекунад.



МУЛОҚОТ БО РОҲБАРОНИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР

Дар доираи ҷаласаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Вашингтон як қатор мулоқотҳои корӣ анҷом дод.

Аз ҷумла, 13-уми апрели соли ҷорӣ мулоқоти вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо директори иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор ҷаноби Бо Ли баргузор гардид. Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои татбиқи барномаи PCI, такмили сиёсати пулию қарзӣ, таҳкими назорати бонкӣ ва баланд бардоштани шаффофияти бахши молиявиро баррасӣ намуданд.

Қайд гардид, ки нишондиҳандаҳои мусбати макроиқтисодӣ ва устувории низоми молиявӣ дар арзёбиҳои байналмилалӣ низ инъикос ёфта, баланд гардидани рейтинги соҳибихтиёрии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби агентии байналмилалии “Moody’s Ratings” ва “S&P Global Ratings” ҳамчун эътирофи сиёсати пайгиронаи макроиқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Дар мулоқот ҳамзамон масъалаҳои густариши ҳамкориҳо дар марҳилаи нав, аз ҷумла ҷалби кумаки техникӣ, таҳкими иқтидори институтсионалӣ, такмили низоми комплаенс, муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва идоракунии хавфҳои таҳримӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Худи ҳамин рӯз, ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин бо директори департаменти Хазинаи Байналмилалии Асъор барои кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ ҷаноби Ҷиҳод Азур вохӯрӣ анҷом дод. Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба, пешбурди ислоҳоти сохторӣ ва тақвияти суботи макроиқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зимни муаррифии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз ҷониби ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардид, ки ҳамкории судманд бо Хазинаи Байналмилалии Асъор ба татбиқи муваффақонаи барномаи “Фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат” (PCI) мусоидат намуда, барои пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ заминаи устувор фароҳам овардааст. Қайд карда шуд, ки иқтисодиёти кишвар рушди устувори худро нигоҳ дошта, суръати афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар моҳҳои январ–феврали соли ҷорӣ 8 фоизро ташкил дода, сатҳи таваррум дар ҳудуди 3,6 фоиз қарор дорад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зикр намуд, ки нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ тамоюли мусбат дошта, дороиҳо, пасандозҳо ва сандуқи қарзӣ афзоиш ёфта, сатҳи кофии сармоя ва пардохтпазирӣ таъмин гардидааст. Таъкид гардид, ки идомаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Хазинаи Байналмилалии Асъор барои пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ, таҳкими суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

МУЛОҚОТ БО НОИБИ ПРЕЗИДЕНТИ БОНКИ ҶАҲОНӢ ОИД БА КИШВАРҲОИ АВРУПО ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ аз ҷониби ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло, бо иштироки вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс, сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Завқизода Завқӣ ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ Амирзода Пайрав дар шаҳри Вашингтон як қатор мулоқотҳои сатҳи баланд анҷом дода шуд.



Аз ҷумла, 14-уми апрели соли 2026 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ноиби президенти Бонки Ҷаҳонӣ оид ба кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Бассани мулоқот намуд.

Дар мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳо, инчунин масоили ҷалби сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки иқтисодию иҷтимоӣ баррасӣ гардид. Зикр карда шуд, ки Бонки Ҷаҳонӣ ҳамчун шарики калидии стратегӣ дар пешбурди ислоҳоти сохторӣ, рушди инфрасохтор, таҳкими иқтидори институтсионалӣ ва таъмини рушди устувору фарогири иқтисоди Тоҷикистон саҳми назаррас дорад. Аз ҷумла, ҳамкории муваффақ дар татбиқи лоиҳаҳои муҳимми энергетикӣ, бахусус Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ҳамчун омили асосии таъмини истиқлоли энергетикӣ ва рушди «иқтисоди сабз» таъкид гардид.

Зимни муаррифии вазъи макроиқтисодӣ қайд карда шуд, ки ислоҳоти пай дар пай ва дастгирии шарикони байналмилалӣ ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ ва нигоҳдошти суръати баланди рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, сарфи назар аз таъсири омилҳои беруна афзоиши воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар ду моҳи аввали соли 2026 ба 8 фоиз расидааст. Ҳамзамон, рушди босуръати бахши бонкӣ ва рақамисозии хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ ва васеъ гардидани истифодаи воситаҳои муосири пардохт, ҳамчун нишондиҳандаи муҳими таҳаввулоти низоми молиявӣ арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо инчунин масъалаҳои густариши ҳамкориро дар самтҳои молияи сабз, рушди устувор, рақамисозии бахши молиявӣ ва тақвияти фарогирии молиявӣ баррасӣ намуда, омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкории созанда ва дарозмуддат таъкид карданд.

БАРРАСИИ ҲАМКОРӢ БО БОНКИ ОСИЁИИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ИНФРАСОХТОРӢ



14-уми апрели соли ҷорӣ дар доираи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо ноиби президент, котиби корпоративии Бонки Осиёии Сармоягузориҳои Инфрасохторӣ ҷаноби Шерард Каупер-Коулз мулоқот намуд.

Дар ҷараёни гуфтушунид ҷонибҳо раванди татбиқи лоиҳаҳои муштарак, аз ҷумла дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва инфрасохтори иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор дода, саҳми Бонки Осиёии Сармоягузориҳои Инфрасохториро дар маблағгузории лоиҳаҳои стратегӣ, аз қабили НБО «Роғун», тачдиди НБО «Норак», сохтмони роҳҳо ва пулҳо муҳим арзёбӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки густариши ҳамкорӣ дар самтҳои энергетикаи «сабз», рушди инфрасохтори нақлиётӣ, истифодаи устувори захираҳои об ва ҷалби сармоягузориҳои дарозмуддат барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва тақвияти ҳамгироии минтақавии Тоҷикистон аҳамияти калидӣ дорад.

Зимни мулоқот зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ рушди устувори макроиқтисодиро нигоҳ дошта, татбиқи ислоҳоти сохторӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро идома медиҳад. Таъкид шуд, ки идомаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо шарикони байналмилалии рушд ба татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок, таҳкими суботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат хоҳад намуд. Дар анҷоми мулоқот барои тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан ҳавасмандӣ изҳор карда шуд.

Қобили қайд аст, ки дар мулоқоти мазкур инчунин вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс, сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Завқизода Завқӣ ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ Амирзода Пайрав иштирок доштанд.

Шуъбаи матбуоти БМТ

АЗ ИҚТИСОДИ САБЗУ РАҚАМӢ ТО ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Гузориш аз форуми байналмилалӣ дар Душанбе



АЗ 14 ТО 18-УМИ АПРЕЛИ СОЛИ РАВОН ШАҲРИ ДУШАНБЕ МИЗБОНИ ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАҲТИ УНВОНИ «ҲАМКОРӢ БА ХОТИРИ РУШДИ УСТУВОР: САБЗ. РАҚАМӢ. ҲУШМАНД» АСТ. ОН БО ТАШАББУСИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН БАРГУЗОР ГАРДИДА, БЕШ АЗ 2000 ИШТИРОКЧИРО АЗ 50 КИШВАРИ ҶАҲОН ГИРДИ ҲАМ МЕОРАД. ДАР БАЙНИ ОНҲО ОЛИМОН, КОРШИНОСОН, РОҲБАРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ, НАМОЯНДАГОНИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА КОРПУСҲОИ ДИПЛОМАТӢ НИЗ ҲАСТАНД.



ТАВАҶҶУҲ БА РУШДИ РАҚАМӢ ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ



Дар маросими ифтитоҳи форум муовини Сарвазири Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ таъкид кард, ки имрӯз рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ яке аз самтҳои муҳими рушди давлат ба ҳисоб мераванд. Ба гуфтаи ӯ, истифодаи технологияҳои нав метавонад ба соҳаҳои гуногун таъсири мусбат расонад. Аз ҷумла, идоракунии давлатӣ, иқтисод ва молия, энергетика, хизматрасонӣ ба аҳолӣ. Технологияҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки хизматрасониҳо зудтар, шаффоф ва самаранок гарданд. Ин раванд инчунин ба беҳтар шудани сифати зиндагии шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Дар форум зикр гардид, ки дар даҳсолаи охир иқтисоди Тоҷикистон рушди устуворро нишон додааст. Афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, зиёд шудани даромади аҳолӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ аз натиҷаҳои мусбати ислоҳоти иқтисодӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, мутахассисон таъкид мекунанд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ танҳо рушди анъанавии иқтисодӣ кофӣ нест. Имрӯз гузариш ба иқтисоди «сабз» як зарурати ҷиддӣ ба ҳисоб меравад.

Иқтисоди «сабз» маънои истифодаи оқилонаи захираҳо, ҳифзи муҳити зист ва коҳиши таъсири манфии истеҳсолот ба табиатро дорад. Ин навъи иқтисод метавонад рушди дарозмуддат ва устуворро таъмин намояд.

МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ҳукумати кишвар дар солҳои охир як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими стратегиро қабул намудааст. Аз ҷумла, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040, Консепсияи иқтисоди рақамӣ ба рушди технологияҳои нав, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисод ва беҳтар кардани идоракунии давлатӣ равона шудаанд. Ҳамчунин, солҳои 2025-2030 дар кишвар ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидаанд.

Инчунин, дар форуми мазкур таъкид шуд, ки Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ фаъолона дар масъалаҳои марбут ба зеҳни сунъӣ ва рушди устувор иштирок мекунад. Моҳи июли соли 2025 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаеро қабул намуд, ки ташаббуси Тоҷикистонро дар бораи нақши зеҳни сунъӣ дар рушди устувор дастгирӣ мекунад. Ин иқдом мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари ҷонибдори технологияҳои нав ва рушди рақамӣ тақвият мебахшад.

Ба таъкиди баромадкунандагон, технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ танҳо ба иқтисод таъсир намерасонанд. Инчунин, онҳо сохтори иҷтимоиро тағйир медиҳанд. Ин технологияҳо метавонанд дастрасии аҳолиро ба маълумот беҳтар кунанд, сатҳи маорифро баланд бардоранд. Инчунин, хизматрасониҳои давлатиро осон намоянд, нобаробарии минтақавиро коҳиш диҳанд. Ҳамин тавр, рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ табдил ёфтааст.

ИМКОНИЯТҲО БАРОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИННОВАТСИЯ

“Форум як платформаи бисёрсатҳист, ки ниҳодҳои давлатӣ, ҷомеаи илмӣ, бахши хусусӣ, ҷавонон ва созмонҳои байналмилалиро дар як фазои муштарак муттаҳид месозад. Чунин ҳамоишҳо барои таҳкими робитаҳои илмӣ, иқтисодӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ аҳамияти калон доранд”,- изҳор дошт



Убайдулло Асрорзода, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар маросими ифтитоҳи Форуми байналмилалии «Ҳамкорӣ ба хотири рушди устувор: Сабз. Рақамӣ. Ҳушманд» намояндаи доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвати Рамасвами, раиси кумитаи Маҷлиси намояндагон Барно Саидвализода, вазири рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ Абдураҳмон Абдураҳмонзода, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ Хуршедаи Қодир ва дигар намояндагони кишварҳои хориҷӣ доир ба равандҳои рушди устувор, иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар ҷаҳон ва Тоҷикистон ибрози назар намуданд.

Намояндагони соҳаҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ изҳор доштанд, ки Тоҷикистон барои ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ омода аст.

“Дар кишвар имкониятҳои васеъ барои ҷалби сармоя, рушди стартапҳо, татбиқи технологияҳои нав, лоиҳаҳои инноватсионӣ фароҳам оварда шудаанд”,- изҳор дошт Хуршедаи Қодир, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон.

Ба таъкиди номбурда, сол дар Душанбе парки технологии инноватсионӣ ба фаъолият оғоз кард, ки ба рушди зеҳни сунъӣ ва иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунад.



Абдураҳмон Абдураҳмонзода, вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон дар форум гуфт, ки ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳонӣ 15 фоиз ва дар баъзе кишварҳо то 40 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамзамон суръати рушди иқтисоди рақамӣ дар сатҳи 8,5 дарсад қарор дошта, нисбат ба суръати рушди иқтисоди ҷаҳонӣ 3 маротиба афзоиш меёбад.

“Тибқи маълумоти Иттиҳоди байналмилалии алоқа, шумораи истифодабарандагони интернет аз 1 миллиард дар соли 2005 то 6 миллиард дар соли 2025 зиёд шуда, 74 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Истифобарандагони смартфонҳо бошад, аз 1,4 миллиард дар соли 2015 то ба 7 миллиард дар соли 2025 зиёд шудааст. Рақамҳои дар боло зикршуда нишон медиҳанд, ки рақамикунонӣ манбаи рушди иқтисод мебошад”,-иброз дошт Абдураҳмон Абдураҳмонзода.

Таъкид шуд, ки ҳоло Тоҷикистон дар марҳилаи дуюми рақамикунонӣ қарор дорад ва дар ин самт қадамҳои муҳим гузошта шуда истодаанд.

“Имрӯз таносуби пардохтҳо дар Тоҷикистон 57,6 фоиз нақдӣ ва 42,4 фоизро ғайринақдӣ ташкил медиҳад”,-изҳор дошт номбурда.

Форуми байналмилалӣ дар Душанбе нишон дод, ки Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушди иқтисодӣ ворид шудааст. Ин марҳила ба истифодаи технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва принсипҳои иқтисоди «сабз» такя мекунад. Чунин форумҳо на танҳо барои табодули таҷриба муҳиманд, балки барои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби сармоя ва муаррифии иқтидори кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ низ нақши муҳим доранд.

Усмон РАҲИМЗОДА

САРНАВИШТИ ПЕЧИДАИ ЯК ШОҲКОРИ УСТОД АЙНӢ



АЗ НАШРИ ШОҲКОРИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ - “НАМУНАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК” ЯК АСР СИПАРӢ МЕШАВАД. ИН АСАР ДАР ДАВРОНИ ДУШВОРУ ПЕЧИДАИ ТАЪРИХӢ АРЗИ ҲАСТӢ КАРД ВА ДОНИШМАНДОН ОНРО ҲАМЧУН “ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТИ ТОҶИК” АРЗЁБӢ КАРДААНД. ДАР БОРАИ АРЗИШИ ИН АСАР, ШАРОИТИ ТАЪЛИФИ ОН ВА САРНАВИШТИ ПЕЧИДАВУ ДУШВОРАШ СУҲБАТЕ ДОШТЕМ БО АДАБИЁТШИНОСИ ТОҶИК СУБҲОНИ АЪЗАМЗОД, КИ БАХШЕ АЗ ПАЖУҲИШҲОЯШ БА ШИНОХТИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ ВА ОСОРИ Ӯ МАРБУТ АСТ.





- Дар таърихи адабиёти мо то «Намунаи адабиёти тоҷик» даҳҳо тазкира мавҷуд аст, вале мо ин асари устод Садриддин Айниро ҳамчун падидаи нодир ва асари сарнавиштсоз мешиносем. Сабаб дар чист?

- Оғози қарни XX дар сарнавишти миллати тоҷик аз ҳар чиҳат давраи ҳассосу созандаест. Набардҳои равшанфикрон барои эҳёи арзишҳои миллӣ ва дифои ҳастии миллат бисёр сабақангезанд. Аз ҷумла, устод Айнӣ бо талоши хосса дар сафи аввали равшанфикрон мақом дарёфтааст. «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳосили ҳамин талошу пайкорҳо дар ҳифзи ҳастии тоҷик аст.

Аввалин ҳадафи таълифи асар исботи ҳастии таърихии миллати тоҷик ва посух ба даъвову зиддияти фикри пантуркистон дар инкори онон мебошад ва он дар шароити ниҳоят ҳассосу сарнавиштсоз ба миён омадааст. Ин тазкира ба зикри сайри адабии як бахши бузурги адабиёти форсии тоҷикӣ - ҳолнома ва ашъори шоирони форсигӯи ҳавзаи Мовароуннаҳр (Осиёи Миёна) ихтисос дорад ва аз ин ҷиҳат, он танҳо як бахши адабиёти форсиро дар бар мегирад ва дар он вусъату густардагии ҳамин бахш нишон дода шуда ва танҳо ҳамин бахши адабиёти бузурги форсӣ «адабиёти тоҷикӣ» ном ёфтааст. «Намунаи адабиёти тоҷик» беҳтарин намунаи сайри адабиёти форсии ҳавзаи Фароруд аз асри X то замони ба миён омадани он аст. Ҳамчунин, онро метавон намунаи охирин ва ҷамъбасти тазкиранигории форсӣ-тоҷикӣ ба ҳисоб овард. Баъди ин асар чароғи тазкиранависӣ дар қаламрави тоҷикони Осиёи Миёна ба умқу вусъати гузашта хомӯш монд.

- Гуфтед, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» дар марҳалаи печидаи сарнавиштсоз ба миён омад. Ба хонандаи имрӯза муҳиту шароит ва ҳолати рӯҳии устод Айниро дар он шабу рӯз чӣ гуна тасвир кардан имкон дорад?

- Оре, осори устод Айнӣ дар марҳалаҳои сарнавиштсози таърих ба миён омад. Хидмати беқиёси устод Айнӣ муаррифии матолиби арзишманди манбаъҳои муҳими пешинаанд. Ӯ бо такя ба даҳҳо китоби қадим, саҳифаҳои дастнавиштаҳои душворхони гузаштагон, сатрҳои хираи китобҳои кӯҳна ва фарсуда калиди дари адабиёти қадимро ба ҳамзамонон додааст.

Устод Айнӣ дар таснифи ин асар 80 манбаи муҳимро ба кор бурдааст. Пеш аз оғози кор «Ба ошиқони адабиёти тоҷик муроҷаат» (2-юми марти 1925) карда ва иқрор шудааст, ки «ин кор (таснифи «Намунаи адабиёти тоҷик») нисбат ба иқтидори ман хеле душвор буд, вале такя ба ёрмандии ошиқони адабиёти тоҷик намуда, (онро) қабул кардам». Бо ин ҷоннисорӣ дар муддати беш аз 7 моҳ - дар маҷмуъ беш аз 210 рӯз - аз 2-юми март то 12-уми октябри соли 1925 дигар ягон кореро ба дӯши худ нагирифта ва асаре ба ин бузургӣ ба миён овардааст.

Устод Лоҳутӣ моҳи августи соли 1925 ба манзили устод Айнӣ омада ва дидааст, ки ӯ «дар утоқи худ даруни садҳо китоб ғарқ буд ва нусхае дар даст дошт, ки менавишт. Устод барои ёфтани баъзе аз нусхаҳои хаттии шоирони тоҷик басо рӯзҳо, ки дар ба дару кӯча ба кӯча рафта, то онро ёфтаву ба даст оварда, дар натиҷа, заминаи ҳозире барои танқиду таҳлилоти адабии тоҷикон омода намуд».

- Дар бораи нақши Абдуқодир Муҳиддинов дар таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» чанд сухан бигӯед.

- Албатта, устод Айнӣ барои офаридани ин асар заминаҳои вежае дошт. Бо вуҷуди ин, бо назардошти шароити он давра дода «якум коре, ки Абдуқодир Муҳиддинов чун Раиси Ҳукумати Тоҷикистон кард, ин буд, ки ба устод Айнӣ тартиб додани китоберо ба номи «Намунаи адабиёти тоҷик» супурд, то мавҷудияти миллат ва забону адабиёт исбот шавад. Айнӣ ин супоришро ба зудӣ иҷро кард: бо як заҳмати қаҳрамонона таълифи асареро дар ҳаҷми 626 саҳифа дар зарфи ҳафт моҳ анҷом дод».

Бо супориши Абдулқодир Муҳиддинов тартиб ёфтани ин асар баёнгари ғояи сиёсӣ ва ҳадафҳои ҳукумат дар таҳкими ҳастии миллат аст. Устод Айнӣ дар муқаддимаи асар ин ҳадафи сиёсӣ ва супориши таърихиро чунин таъкид намудааст: «Баъд аз таъсис ва барпо шудани ҳукуматҳои миллӣ дар Осиёи Миёна Ҳукумати Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон, ки яке аз меваҳои тадбири миллист, барпо шуд. Ҳукумати ҷавони Тоҷикистон дар аввали ваҳла... хост маҷмуае бо номи «Намунаи адабиёти тоҷик» нашр кунад. Дар ин маҷмуа на танҳо осори адибони муосир ё ки шеърҳои инқилобии шоирони ҳозираро, балки порчаҳои адабии шоирон ва муҳаррирони тоҷикро, ки аз замони қадим то ҳол дар Туркистон ва Мовароуннаҳр расидаанд, дарҷ кунад. Бадин восита номи гузаштагонро зинда ва ҷавононро ба адабиёт ташвиқ намоянд...». Дар ин ҷо ҳам мо симои Муҳиддиновро мебинем.

Бо анҷоми таълифу танзими асар устод Айнӣ тавонист хидмати бузурги таърихиро ба анҷом расонида, ба маҷмуи даъвоҳои пантуркистон ҷавоби расо ва сазовор гӯяд ва аз назари дигар ғояву идеологияи миллии ҳукуматро дар пайи дарки иштибоҳоти сиёсии соли 1924 амалӣ намояд.

- Устод Лоҳутӣ ҳам бо сарсуханаш ба «Намунаи адабиёти тоҷик» хидмати муҳиме дар ин замина анҷом додааст. То кунҷо нақши ӯ дар чопи ин асар муассир аст?

- Устод Лоҳутӣ шахсияти аъзами ҳаммаслаки устод Айнист ва ӯ арзиши ин асарро дар сарсухани бисёр ҷолиби «Намунаи адабиёти тоҷик» огоҳона ва хеле хуб бозгӯ кардааст. Дар асл ӯ худ пас аз хондани осори адабии Айнӣ «ба он ширинӣ» аз хотираш гузаштааст, ки амири Бухоро «на танҳо золиму мустабид, балки бисёр гӯсолаву безавқ ҳам буда»-аст. Шояд дар ин маврид аз фикри устод Лоҳутӣ гузашта бошад, ки наход амир шахсе монанди устодро 75 чӯб занад. Баъди «зиёрати фозили муҳтарам» дар Самарқанд устод Лоҳутӣ ва дарки моҳияти қазияи тоҷикон дар он давра ӯ худро ба канори устод Айнӣ гирифта, ҳарчи бештар барои арзи ҳастӣ кардани «Намунаи адабиёти тоҷик» камари ҳиммат бастанӣ шуд. Баъди он ки устод Айнӣ ин асарро ҳарчи тезтар тартиб дод ва устод Лоҳутӣ барои нашри ҳарчи зудтари ин асар дар Маскав нақш бозид. Ба шаҳодати бархе аз огоҳони таърих устод Лоҳутӣ ҳатто асарро худаш ҳуруфчинӣ кардааст. Ба ин тариқ соли 1926 дар Маскав - Чопхонаи Нашриёти марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сусиёлистӣ ин асар чоп шуд. Аммо он нашри асар хеле сернуқсон буд, ки ин исбот шуда, аммо он нуқси нашр на ба мусанниф мансуб аст, балки аз имкони танги нашри он дар нашриёт мебошад. Дар ин бора дар адабиётшиносии мо гуфтугӯи хеле зиёд сурат гирифтааст.


Ҳамин тавр, устод Лоҳутӣ баробари он ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро «беҳтарин намунаи сайри тараққии адабии тоҷикӣ» нишон диҳад, илова ба ин асарро «заминаи ҳозирӣ барои танқид ва таҳлилоти адабии тоҷикон» шинохтааст.

Ҳамин гуна талошҳои устод Лоҳутӣ барои шуҳрати китоби устод Айнӣ сабақангез аст. Ҳатто, дар замоне ки «Намунаи адабиёти тоҷик» ба интиқоди сахт рӯ ба рӯ шуд, устод Лоҳутӣ низ дар радифи устод Айнӣ танқиди шадиди ҳизбиро шунидааст. Сухан дар бораи он меравад, ки дар анҷумани аввали нависандагони Тоҷикистон маҷмуаи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар таснифи устод Айнӣ «яке аз мисолҳои сиёсати саргумӣ»-и Нусратуллоҳ Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев арзёбӣ шуда, ки ин асарро «Айнӣ тартиб додааст ва Лоҳутӣ ҳам ба он сарсухан навиштааст. Ин маҷмуа тахминан ҳазор солро фаро мегирад»...

- Яъне «Намунаи адабиёти тоҷик» аз ҳамон замон ба интиқоди шадид рӯ ба рӯ шуд.

(Давомаш дар саҳ. 13)

«ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД» МОРО ҲУШДОР ДОД



ДАР БОРАИ ВОҚЕОТИ АРАФА ВА ИБТИДОИ ИСТИҚЛОЛ ДАҲҲО ОСОРИ БАДЕЙ, ПУБЛИТСИСТӢ, ИЛМӢ, ТАЪРИХӢ ВА ЁДДОШТӢ НАВИШТА ШУДААНД. АЛБАТТА, ҲАМАИ ИН ОСОРРО НАМЕТАВОН БО ГУНАҲОИ ҲАМСОНАШОН ДАР ЯК РАДИФ ГУЗОШТ. БАХУСУС, БАЪЗЕ ОСОРИ ПУБЛИТСИСТӢ ВА ЁДДОШТИРО, КИ МУАЛЛИФОНАШОН АЗ АҲЛИ ЭҶОД НЕСТАНД. ЗЕРО ДАР ИН ОСОР АКСАРАН БА ВОҚЕОТИ ОН РӮЗГОР АЗ ДИДГОҲИ ЯК НАФАР, АЗ МАВҚЕИ БА МУАЛЛИФ МУВОФИҚ НАЗАР КАРДА ШУДААСТ.

Аммо асари публитсисти шинохта Шариф Ҳамдампур “Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд” (Душанбе: нашриёти “Тоҷикистон”, 2025.- 320 с.) бори дигар исбот мекунад, ки маърифату чаҳонбинии муаллиф дар бозкушоии муаммову мушкилот ва пардабардорӣ аз воқеоти мармузи он рӯзгор то кадом ҳад нақши муҳим дорад. Ин ҷо “Ман”-и муаллиф мисли дигар “Ман”-ҳо нест. “Ман”-и муаллиф дар ин асар ба маънои қаҳрамонсозии муаллиф нест, балки “Ман”-и муаллиф ин ҷо шоҳид аст, роҳбалади хонанда аст. Дар симои “Ман”-и муаллиф мо публитсисти боадолатро мебинем, вай андешаи худро ба хонанда таҳмил намедиҳад, балки онро бо ҳуҷҷат, санад, нақли шоҳидон тавассути равиши мантиқӣ исбот мекунад. Муаллиф касеро бад намегӯяд, ҳукм намебарорад, агару магар надорад. Муаллиф дар ин асар ба факту далел такя менамояд, рӯйдодҳоро тавре буд, меорад, гумону тахмин намезанад ва хонанда худаш мувофиқи даркаш хулосаву натиҷа мебардорад. Ва ҳамин рӯҳияву равиш аз оғоз то ба анҷоми асар меравад. Муаллиф гӯё назди рӯҳи қаҳрамонаш Муродуллоҳ Шерализода “қарзи маънавие” дорад, ки он ҳақиқат аст ва гуфтану навиштани онро вазифаи худ медонад.

Суханони ҳанӯз соли 1993 гуфтаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (он замон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) шаҳодати эҳтирому эътимод ба шахсияти Муродуллоҳ Шерализода аст: “Муродуллоҳ барин шахсони наҷиб рӯзгори хешро бидуни хизмати халқ тасаввур карда наметавонистанд. Ӯ воқеан ҳам донишманди фозил, фарзонамарди соҳаи фарҳангу маданият, арбоби барҷастаи давлатӣ буда, таҳким бахшидани дӯстию бародарии ҷовидонаи тамоми халқҳою миллатҳои ҷумҳуриамон, вахдату якпорчагии Тоҷикистони азизро ҳадафи волои худ ҳисобида буд” (с. 5).

“Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд” аз 10 боб ва қисмате аз хотираҳо иборат аст. Дар навбати худ ҳар боб унвони ҷолиб доранд: 1. Роҳе, ки зи “Ҷӯйи Мӯлиён” оғоз шуд; 2. Бонуе, ки Наврӯзро зинда кард; 3. Озмоишгоҳи геополитикӣ; 4. Бозгашт ба Душанбе; 5. Аз мулоқот то рисолат; 6. Сабақи таърих: аз Довуд то Наҷиб; 7. Як ғалати Юрий Андропов ва бурди Қаҳҳор Маҳкамов; 8. Дар гирдоби орзуҳо ва овозҳо; 9. Чӣ гуна “Садои мардум” садои мардум шуд?; 10. Шоме, ки субҳ надошт. Қисмати хотираҳо бо номи “Муродуллоҳ Шерализода дар оинаи дӯстон” ёддошти дӯстону ҳамнишинон ва ҳамкасбони қаҳрамонро дар бар мегирад. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ҳар боб мавзуи алоҳидаест, аммо кас вақте асарро мутолиа менамояд, як пайванд, як занҷири ногусастаниро миёни бобҳо эҳсос менамояд. Ва ин пайвандро ба таври мухтасар метавон чунин арзёбӣ кард:

1. “Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд” асари таърихист. Зеро дар он таърихи арафа ва ибтидои истиқлоли Ватан бозгӯй мешавад. Муаллиф, ки тарбиядидаи муҳити маънавии миллӣ ва ҳам таҳсилкардаи яке аз машҳуртарин донишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ - Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов аст, дидгоҳ ва мавқеи устувори сиёсию миллӣ дорад. Андешаву мушоҳида ва бардоштҳои муаллиф дар бораи сохт ва идеологияи давлатӣ, сиёсатҳои ҷаҳонию минтақавӣ, раванди бедории миллӣ реша дар ҷаҳонбинӣ, маърифат, донишҳои илмӣ, тафаккури мантиқӣ ва прагматикии муаллиф доранд. Муаллиф қаҳрамонашро медонад ва дар бисёр масъалаҳо ҳамроҳу ҳампаймон аст. Ҳамин хусусиятҳо китобро хондanӣ кардаанд.

2. Асар оинаест, ки хонанда дар мисоли рӯзгори як зиёии асил таҳаввулоти ҷомеаи Тоҷикистонро мебинад. Ва дар ҳамин замина решаву омилҳои таҳаввулот, нақши шахсиятро дар ин таҳаввулот ва ҷомеаву рӯзгори мардум ҷӯё мешавад. Муродуллоҳ Шерализода на танҳо як зиёии асил, балки меросбари фарҳангу адабиёти оламшумулест, ки реша дар умқи таърихи чандҳазорсола дорад, маърифату ҷаҳонбиниаш аз шеъри Одамушшуаро Рӯдакиву осори дигар бузургон сарчашма гирифтааст. Дар сиёсат меросбари Устод Айнӣ ва Аллома Бобоҷон Ғафуров аст. Зеро аз ҳавзае вакили мардумӣ ба Шурои Олӣ интихоб гардида буд, ки қаблан ин ҳавзаро ин ду фарзонафарзанди миллат намояндагӣ мекарданд. Маҳорату ҷаҳонбинӣ, мавқеи устувори сиёсӣ, иродаи қавӣ, андешаи миллӣ дар баҳсҳои парлумонӣ, огоҳии комил аз таърихи миллат ва равандҳои ҷаҳони муосир боис гардиданд, ки Муродуллоҳ Шерализода аввалин сармуҳаррири нашрияи парлумонии Тоҷикистон - “Садои мардум” интихоб шавад. Ва ин нашрия аз рӯзҳои аввалини фаъолият содиқтарин нашрия ба миллату давлат боқӣ монд. Ҳақ бар ҷониби муаллиф аст, вақте менигорад: ““Садои мардум”шояд ягона нашрияе буд, ки то рӯзи марги Шерализода қотеона дар канори ҳукумат монд... “Садои мардум” бо роҳбарии Шерализода бо тамоми масъулият ва ҷасорат мавқеи давлатро ҳимоя мекард” (сах. 228).

3. Ин китоб як навъ баёни эҳтирому қадршиносии як нафар шахси арзанда (қаҳрамон) аз ҷониби шахси дигари қадрдону намакшинос (муаллиф) аст, ки дар шароити имрӯзаи мо кам дучор мешавем. Баръакс, бештар шоҳиди акси ҳол ҳастем.

4. Мо дар асар таъсири муҳит ба ташаккули шахсияти қаҳрамон Муродуллоҳ Шерализодаро ба мушоҳида мегирем. Муҳити хонаводагию деҳа, муассисаҳое, ки қаҳрамони асар фаъолият кардааст, сафарҳои хизматӣ ба Афғонистон, шину хез ва суҳбату нишастҳо бо шахсиятҳое мисли Ҳабиб Аҳрорӣ, Бӯринисо Бердиева, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷумъа Одина, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Меҳмон Бахтӣ, Тошбой Бобоев, Доро Дӯст ва дигарон дар ташаккули хислату характери Муродуллоҳ Шерализода нақши муҳим гузоштаанд.

5. Дар китоб бо тасвиру инъикоси як ҷузъ ё як лаҳза чеҳраву характери одамон кушода шудаанд. Ба таври мисол, аз тасвири лаҳзаҳои марбут ба ҷустуҷӯи қаҳрамон омадани тарҷумони соҳибтаҷриба Ҳабиб Аҳрорӣ, воҳӯрии нахустину тасодуфии муаллиф (Шариф Ҳамдампур) бо қаҳрамон (Муродуллоҳ Шерализода), тарзу муносибати сармуҳаррири нашриёти “Маориф” Муқаддас Искандарӣ бо муаллиф ҳангоми суҳбат-имтиҳон, мубоҳисаи Муродуллоҳ Шерализода бо роҳбари илмиаш Анатолий Вишневский, нақши анъанаву таомули деҳот - шинохту баҳодиҳӣ ба қаҳрамон аз рӯи гузаштагону хонавода (ҳангоми интихоботи вакилони Шурои Олӣ) ва ғайра метавон ном бурд. Агар ба умқи ин лаҳзаҳои ба назар сода равем, мебинем, ки бо вуҷуди омилҳои субъективӣ, донишу маҳорат, самимияту садоқат ва адолат дар сарнавишти қаҳрамон ва муаллифи асар нақш доштаанд. Хоса андешаву бардоштҳо дар бораи фоҷиаи Афғонистон дурбинона ва бархоста аз воқеияту тачрибаи таърих буда, шаҳодати дониши васеъ ва тачрибаи муаллиф мебошад: “Афғонистон дар тӯли таърих на бо ҳузури як миллат, балки бо таҳаммул ва тақсими қудрат зинда мондааст. Бе ин ҳеч ҳукумате дар ин сарзамин поянда намемонад” (с. 141).

Китоб ба тарзи хеле нозук бо овардани воқеае як паҳлуи ахлоқи ҷомеаи моро дар он рӯзгор - баҳори соли 1992 нишон медиҳад. Ин рӯйдод - изҳорот нашр кардани ҳамкорони сармуҳаррир Шерализода дар нашрияи “Ҷавononи Тоҷикистон” аст, ки ҳамагӣ 2 рӯз пеш аз кушта шуданаш ба вуқуъ пайваста буд (с. 237). Ин изҳорот, ки камтар аз 10 сатр буд, парда аз рӯйи симои аслии хеле аз ҳамкоронро бардошт. Саволҳои ба худ додаи қаҳрамон: Чаро онҳо ин корро карданд? Магар ин корд аз пушт задан нест? Ё шояд ин оғози бозии дигар бошад? (с. 240) нишон медиҳанд, ки сармуҳаррир ба зердастонаш, аз ҷумла муаллифони изҳорот боварию эҳтиром доштаву амали онҳо барояш сахт дардовар аст. Дар ин ҳам зуҳурот ва ҳам падида мо 2 тарзи бархӯрд ба як рӯйдодро мебинем. Аз як тараф, шахсони манфиатҷӯ дар ҳама давру замон буданд, ки бо равиши обу вазиши бод амал мекунанд. Ва зумрае аз ҳамин қабил одамон дар лаҳзаҳои ҳассос, новоста аз гузашта ва некиҳои дида аз дигарон, симои худро ошкор кардаву аз пушт ханҷар мезананд. Насли калонсолу огоҳ он қазияро хуб медонанд, аммо муаллифи китоб як падидаи дигар - муносибати Муродуллоҳ Шерализодаро ба муаллифони изҳорот тавассути додани мукофотпулӣ нишон медиҳад, ки нишони ахлоқи волои қаҳрамон аст. Ин тарзи муносибат дар он рӯзгор, ки хиёнату разолат ҷойи садоқату ҷавонмардиро гирифта буд, воқеан падида буд.

Муаллиф Шариф Ҳамдампур бо нашри расми он изҳорот аз саҳифаи нашрияи “Ҷавononи Тоҷикистон” ва овардани нақли яке аз имзокунандагон (аслан мазмунро надониставу нахонда, ки ташкилкунанда тавассути телефон ризояташро гирифтааст), ки ба хатои худ иқрор аст (с. 244-245), ба дигар муаллифони мактуб (ва чунин нафарони паси пардабуда) ва мо ҳушдори маънавӣ медиҳад: Ҷавонмардӣ кори ҳар кас нест.

(Давомаш дар саҳ. 10)

ТАБИБИ УРОЛОГИ ТОҶИК, ДОКТОР ФИРӮЗ БАРАКАЕВ, КИ ДАР ЯКЕ АЗ КЛИНИКАҲОИ ПЕШРАФТАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТУРКИЯ - БЕМОРХОНАИ ДОНИШГОҲИ ЙЕДИТЕПЕ ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАД, ДАР ЯК ТАҲҚИҚОТИ БУЗУРГИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, КИ БА СИРОЯТИ РОҲҲОИ ПЕШОБ ДАР БЕМОРОНИ УРОЛОГИИ БИСТАРИШУДА БАХШИДА ШУДААСТ, САҲМИ НАЗАРРАС ГУЗОШТААСТ. АЙНИ ЗАМОН Ӯ ДАР ҲАМКОРӢ БО УРОЛОГИ МАЪРУФИ ТУРК, ПРОФЕССОР ДОКТОР ФАРУҚ ЕНДЖИЛЕК КОР МЕКУНАД.



ДАСТОВАРДИ ҶАҲОНИИ ТАБИБИ ТОҶИК

ё рози муваффақияти Фирӯз Баракаев

ТАҲҚИҚОТИ ҶАҲОНӢ

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои илмии Фирӯз Баракаев иштироки ӯ дар як таҳқиқоти васеи байналмилалӣ мебошад, ки ба сирояти роҳҳои пешоб (инфексияҳои урологӣ) бахшида шудааст. Ин таҳқиқот дар доираи лоиҳаи ҷаҳонии “Global Prevalence Study of Infections in Urology” гузаронида шуда, натиҷаҳои он дар маҷаллаи бонуфузи “Journal of Infection and Chemotherapy” нашр гардидааст.

Ин лоиҳа яке аз калонтарин таҳқиқотҳо дар соҳаи урология ба ҳисоб меравад ва натиҷаи таҳқиқоти даҳсола мебошад, ки бо иштироки марказҳои илмии пешрафтаи ҷаҳон амалӣ шудааст.



Дар ин таҳқиқот 8 маркази академии бонуфуз аз Аврупо, Осиё ва Амрикои Шимолӣ иштирок намудаанд, аз ҷумла: Донишгоҳи тиббии Туркия, Донишгоҳи Нюкасл (Британиё), Донишгоҳи Юстус Либих (Олмон), Донишгоҳи Осло (Норвеж), Донишгоҳи техникии Мюнхен (Олмон), ҳамчунин Донишгоҳои пешрафтаи Кореяи Ҷанубӣ.

Фирӯз Баракаев мегӯяд, ки дар доираи ин таҳқиқот маълумоти 6706 бемори бистаришуда таҳлил шудааст. Аз ин шумора 659 ҳолат (9,8%) ба сироятҳои роҳҳои пешоб рост омадааст. Ташхисҳои асосӣ чунин будаанд: пиелонефрит - 30,7%, цистит - 29,9%. Яке аз муҳимтарин натиҷаҳо муайян шудани бактерияи “Escherichia coli”, ҳамчун ангезандаи асосии сироятҳо буд (38,7%). Аммо муҳимтар аз ҳама, таҳқиқот сатҳи баланди муқовимати бактерияҳоро ба антибиотикҳои маъмул нишон дод. Ин масъала имрӯз яке аз мушкилоти ҷиддии тиби ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Муқовимати бактерияҳо ба дорухо (антибиотикорезистентӣ) имрӯз ба як таҳдиди глобалӣ табдил ёфтааст. Таҳқиқоти мазкур нишон дод, ки бисёре аз микроорганизмҳо ба дорухои маъмул, аз ҷумла фторхинолонҳо ва сефалоспоринҳо дигар ҷавоб намедиҳанд. Ин ҳолат табибонро водор мекунад, ки дар интихоби табобат эҳтиёткор бошанд ва усулҳои нави мубориза бо сироятҳоро ҷустуҷӯ намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот танҳо арзиши назариявӣ надоранд. Онҳо метавонанд ба такмил додани протоколҳои табобат, беҳтар шудани ташхис ва коҳиши давомнокии бистаришавии беморон мусоидат намоянд.

РОҲИ МУВАФФАҚИЯТИ ТАБИБИ ТОҶИК

Фирӯз Баракаев 28-уми июни соли 1985 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Ӯ дар хонаводаи илмӣ ба воя расида, фарзанди профессори маъруф Салом Баракаев мебошад. Профессор Салом Баракаев яке аз пешсафони соҳаи гастроэнтерологияи лазерӣ дар замони Шуравӣ маҳсуб мешуд. Аз хурдӣ муҳити илмӣ ва фарҳангии хона ба ташаккули ҷаҳонбинии Фирӯз таъсири амиқ расонд.

Аммо сарнавишт барои ӯ озмоиши сахтеро омода карда буд. Соли 1997 дар як фочиаи ҳавопаймоӣ волидони худро аз даст дод. Бо вуҷуди ин зарбаи сахт, ӯ роҳи таҳсилро идома дода, бо иродаи қавӣ ва ҳадафи давом додани роҳи падар ба пеш ҳаракат кард. Ӯ таҳсили худро дар Донишгоҳи миллии тадқиқотии тиббии Русия ба номи Н. И. Пирогов дар шаҳри Москва идома дода, соли 2008 дипломи духтуриро ба даст оварад. Баъдан, соли 2011 ихтисоси урологияро бо муваффақият хатм намуд.

Пас аз хатми таҳсил, Фирӯз Баракаев фаъолияти худро дар Туркия идома дод, кишваре, ки имрӯз яке аз марказҳои пешрафтаи тиббӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Ӯ дар чандин муассисаҳои бонуфуз кор карда, таҷрибаи ғанӣ андӯхт, аз ҷумла дар Беморхонаи Йени Юзил (GOP, Истамбул) ва Донишгоҳи Эрджиес. Айни замон ӯ ҳамчун урологи калон дар Беморхонаи Донишгоҳи Йедитепе дар шаҳри Истамбул фаъолият мекунад. Дар ин ҷо ӯ таҳти роҳбарии профессори маъруф Форуқ Енджилек кор мекунад ва ҳамзамон дар омӯзиши донишҷӯён ва табибони ҷавон саҳм мегузорад.


Фирӯз Баракаев узви як қатор ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад, аз ҷумла Ассотсиатсияи аврупоии урологҳо, Ассотсиатсияи урологҳои Амрико, Ҷамъияти урологии Туркия. Соли 2024 Фирӯз Баракаев дар конфронси байналмилалии URAI 2024 маърӯза намуда, дар бораи истифодаи зеҳни сунъӣ дар урология суханронӣ кард. Ин нишон медиҳад, ки ӯ на танҳо дар табобат, балки дар рушди технологияҳои нав низ фаъол аст. Фирӯз Баракаев дар фаъолияти худ як қатор амалиётҳои мураккаби урологиро анҷом медиҳад, аз ҷумла: Резексияи трансуретралии ғадуди простата (ТУРП/TURP), Нефролитотомияи перкутанӣ (тавассути пӯст, PCNL), Энуклеатсияи лазерии голмиии простата (HoLEP), Экстраксияи микрочарроҳии нутфа (Micro-TESE) ва ғайра. Фирӯз Баракаев на фақат достони як табиби муваффақ аст. Ин намунаи он аст, ки чӣ гуна як ҷавони тоҷик, бо вуҷуди мушкилоти зиндагӣ, метавонад ба қуллаҳои баланд расад ва дар рушди илми ҷаҳонӣ саҳм гузорад.

«ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД» МОРО ҲУШДОР ДОД

(Аввалаш дар саҳ. 9)

6. Муаллиф публитсисти забондону рангинхаёл аст. Ҳамин аст, ки асар бо усули бисёр равону шево навишта шудааст. Мо дар ин асар суханбозию пургӯиро намебинем. Ҳар як ибораю ҷумла мисли масолеҳи сохтмонии бино ҷою мавқеи худро дорад. Ва тасвирҳои муаллиф он қадар самимию воқеӣ ҳастанд, ки моро на танҳо ба умқи рӯйдод мебаранд, балки нохудогоҳ иштирокчии он месозанд. Он шаби фочиа (5-6-уми майи соли 1992) ман бо муаллиф то субҳ дар ҷасадхонаи Беморхонаи Қарияи Боло будам, дарду танҳоии муаллифро дар худ эҳсос кардам, баробари ӯ дар изтиробу таҳлука будам (с. 255-257). Хонанда бо мутолиаи порахо аз рӯзгори пурдарду фочиавии дирӯзаи қаҳрамон (ҷавонмаргии бародару фарзанд) ва имрӯзаи ҳамсари Муродуллоҳ Шерализода поёни як достони ғамангезро мебинад. Ва он “Хотироте, ки бод бурд”-ро мемонад.

Дар қисмати охир, ки “Муродуллоҳ Шерализода дар оинаи дӯстон” унвон дорад, шахсият, дониш, маҳорат, ҷавонмардӣ, қавиироданӣ, некандешӣ, ҳақгӯиву ҳақталошӣ, устуворӣ дар мавқеъ ва дигар хислатҳои ҳамидаи қаҳрамон тавассути марсияву хотирахои намояндагони илму адаб Карроматуллоҳ Олимзода, Тошбой Бобоев, Умриқул Ҳақбердиев, Луқмон Қурбонов, Бахтиёр Муртазоев ва Камол Насрулло васфу тамҷид мешаванд.



Хулоса, “Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд” китобест, ки дар бозтоби симо ва зиндагиномаи як нафар чеҳраи сиёсию иҷтимоӣ ва касбӣ моро сабақҳои инсонию ахлоқӣ медиҳад. Сабақи расидан ба қадри ҷонбозиҳои фарзонагони миллат, фаромӯш накардани қурбониёни роҳи истиқлол, сабақи дар дилу дидаҳои мардум ҷой доштани ҷавонмардон.

Сангин ГУЛЗОД,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

АЗ МОҲИЯТИ РОҲИ МУЗДНОК ТО ЗАРУРАТИ РОҲИ АЛТЕРНАТИВӢ

Чун сухан дар бораи роҳҳои музднок равад, баъзан андешаҳое баён мешаванд, ки аз воқеият дур ва ҳатто дар баъзе маврид таҳрифшудаанд. Нахуст мехоҳем таъкид намоем, ки роҳҳои пулакӣ танҳо хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «кашфиёт»-и филиали IRS нест. Мутаассифона, як идда ба ном коршиносон аз замони шуруъ гардидани фаъолияти IRS дар ин бобат бе истинод ба далелҳои асоснок назарашонро баён менамоянд.





Қобили зикр аст, ки масъалаи мазкур мунтазам мадди назари баъзе воситаҳои ахбори омма қарор дошт. Аз ҷумла, роҳбари Котиботи Шурои байниҳукуматии роҳдорони ИДМ, сармуҳаррири маҷаллаи «Роҳҳои ИДМ», профессор, доктори илмҳои техникӣ Бурӣ Каримов, ки он замон яке аз мунаққидони филиали ширкати саҳомии “Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, мақола навишта, оид ба ҷорӣ шудани истифодаи пулакии роҳи Душанбе - Чаноқ, набудани роҳи алтернативӣ ва ҷанбаҳои дигар андешаҳои танқидӣ баён карда буд. Аммо баъдтар назари номбурда нисбат ба IRS комилан мусбат гардид. Ба Бурӣ Каримов истинод намуданамон сабаб ва рамзу ҳикмат дорад, зеро агар андешаҳои зер аз ҷониби масъулини филиали ширкат иброз шаванд, баъзеҳо, ки “муқтазои табиат”-ашон чунин аст, метавонанд воқеияти онҳоро зери суол баранд.

Дар яке аз мусоҳибаҳояш бо ҳафтаномаи “Фараж” Бурӣ Каримов тағйир ёфтани назарашро шарҳ дода, аз ҷумла зикр карда буд, ки “дар Ҷумҳурии Беларус, ки аввалин шуда, дар миёни давлатҳои ИДМ ин низомро ҷорӣ намуда буд, айнан ҳамон ҳолате ба миён омад, ки солҳои аввали фаъолият роҳбарият ва кормандони IRS бо он мувоҷеҳ буданд. Бо мурури вақт ин низом натиҷаҳои мусбат ба бор оварду мардум низ муътақид гардиданд, ки пули пардохтнамудаашон барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ, беҳтар намудани инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои замонавӣ харҷ мешавад”.

Мавҷуд набудани роҳи алтернативӣ бо вуҷуди зиёд шарҳу тавзеҳ ёфтанаш то кунун боиси “нигаронӣ”-и баъзе ба ном коршиносон аст. Доир ба ин масъала Бурӣ Каримов чунин гуфта буд: “Будани роҳи алетернативӣ яке аз талаботи классикии ҷоринамоии истифодаи пулакии роҳ аст, вале ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад ҳатмӣ бошад. Зеро ҳар як кишвар махсусиятҳои худро дорад. Барои мисол, дар Беларус роҳи сарҳади Полша, Минск ва сарҳади Россияро бе мавҷудияти роҳи алтернативӣ пулакӣ карданд. Ҳол он ки релефи Беларус дар қиёс бо кишвари кӯҳсори мо хеле беҳтар ва дар он имкони бунёди роҳи алтернатвӣ зиёдтар аст. Бояд эътироф кунем, ки дар минтақае, ки роҳи автомобилгарди Душанбе - Чаноқ ҷойгир аст, бунёди роҳи алтернативӣ ба ақл рост намегирад. Онҳое, ки чунин иддао доранд, шояд аз махсусиятҳои ин минтақа бехабаранд. Бо дарки масъулият мегӯям, ки роҳи Душанбе - Чаноқ аз лиҳози кӯҳсор ва релефи ҷойгиршавӣ нозукиҳои худро дорад, ки мавҷудият ва истифодаи роҳи алтернативиро зери суол мебарад. Масалан, замони муваққатан қатъ гардидани ҳаракат тариқи нақби «Истиқлол» мо шоҳид будем, ки шаҳрвандон кӯшиш мекарданд бо ҳар роҳу васила тариқи нақби зикршуда гузаранд, на бо роҳи пешинаи ағбаи Анзоб. Мисоли дигар, дар Федератсияи Россия роҳи Москва - Санкт-Петербургро, ки роҳи алетернативӣ дошт, пулакӣ карданд. Гузашти вақт нишон дод, ки аз роҳи алтернативӣ, яъне бепул кам истифода мешавад. Ба андешаи ман, дар сурати мавҷудияти роҳи алтернативӣ аз он нафарони ба қадри беҳтарин неъмат - вақт намерасида шояд истифода баранд. Аз ҷониби дигар, бо истифодаи роҳи алтернативӣ шаҳрвандон бо дарназардошти харочоти сӯзишворӣ, фарсудашавии автомобил ва ғайра ба мақоли халқии “хасис ду маротиба пардохт мекунад” мувоҷеҳ мешаванд”.

Роҳҳои автомобилгарди ба истилоҳ пулакӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, суръат бахшидан ба инкишофи шабакаҳои роҳҳои автомобилгард дар заминаи ҷалби сармояи хориҷӣ ташкил мешаванд. Маъмулан ҳукуматҳои кишварҳои рӯ ба рушд дар заминаи татбиқи чунин лоиҳаҳо, ки аксар маврид бо ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ мешаванд, ҳолати роҳҳоро беҳтар менамоянд.

Бояд дарк намуд, ки чунин тарзи кор (манзур ҷорӣ намудани низоми толлингии истифодаи роҳҳо аст) дар ҳар кишвар махсусияти худро дорад. Баъзе ҳоло низ иддао мекунанд, ки бидуни мавҷудияти роҳи алтернативӣ ҷорӣ намудани низоми толлингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи матлаб нест. Ин тоифа шояд намедонанд, ки роҳи Душанбе - Чаноқ аз лиҳози релефи ҷойгиршавӣ махсусияти худро дорад, ки мавҷудият ва истифодаи роҳи алтернативиро зери суол мебарад. Бояд дарк намуд, ки дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр эъмор намудани роҳи ба истилоҳ "алтернативӣ" мантиқан ва моҳиятан зери суол аст. Дар он сурат барои мавҷудияти роҳи пулакӣ чӣ зарурат мемонад?

Сониян, бунёди роҳи алтернативӣ, хоса масири Душанбе - Чаноқ, ки аз минтақаи релефаш душвори кӯҳистон мегузарад, кори саҳлу сода нест. Муҳимтар аз ҳама, нигоҳдории роҳи "алтернативӣ" низ харочоти бениҳоят зиёд дошта, сарбории масрафи маблағҳои буҷавиро зиёдтар менамояд. Мантиқан пулакӣ шудани роҳ низ ба хотири сарфа намудани маблағҳои буҷети давлат ва минбаъд равона намудани он ба самтҳои дигар, аз ҷумла пардохти қарз амалӣ шудааст. Бо дарки масъулият мегӯем, ки давоми фаъолият зиёдшавии арзиши тарофаҳо ҳамагӣ 7 - 8 фоизро ташкил медиҳад. Ҳол он ки сатҳи таваррум бояд боиси бамаротиб афзудани нарх мегардид. Тибқи муқаррарот, бояд вобаста ба болоравии сатҳи таваррум ҳар сол тарифҳо намоябандӣ (индексатсия) шаванд. Вале IRS дар доираи сиёсати иҷтимоии корпоративӣ аз ин амал худдорӣ намуд. Ба ғайр аз ин, барои аҳолии шафати роҳ низоми гузариши имтиёзнок ҷорӣ шудааст, ки баробари 50-93%-и нархномаи муқаррар-гардида мебошад. Муҳимтар аз ҳама, зиёда аз 90 фоизи убури автомобилҳо аз плазаҳои толлингӣ ба категорияи якум - мошинҳои сабукрав рост меояд. Муқаррар шудани нархҳои пасттарин барои ин категория дар доираи сиёсати иҷтимоии корпоративии филиали ширкат далели он аст аст, ки IRS гирифтани фоидаи зиёдро мадди назар надорад. Вагарна, бояд баръакс бошад.

Дар робита ба масъалаи мавриди назар овардани чанд далелро бамаврид медонем:

Дар Қазоқистон айни замон зиёда 11000 километр роҳ пулакӣ аст. Дар ин бора зимни суханронӣ дар конфронси илмӣ - амалӣ таҳти унвони "Ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди роҳҳои автомобилгарди ИДМ ", ки дар Донишгоҳи давлатии техникии роҳу нақлиёти Москва доир гардида буд, Роҳдори фахрии ИДМ, мушовири Ассотсиатсияи роҳдорони Қазоқистон, номзади илмҳои техникӣ Улан Токторбоевич Алипов иттилоъ дод. Чанде пеш дар Ҷумҳурии Қазоқистон чанд роҳи дигар низ пулакӣ шуд. Дар робита ба ин Қосимҷомарт Тоқаев - Президенти Қазоқистон гуфтааст: “Тибқи тачрибаи ҷаҳонӣ ҷорӣ кардани роҳҳои пулакӣ тасмими дуруст аст. Дар чунин кишвари азим танҳо аз ҳисоби буҷет роҳ сохтан ғайриимкон мебошад. Илова бар ин, Қазоқистон бояд аз ҳисоби транзит даромад гирад”.

Дар марҳилаи аввали ҷорӣ намудани истифодаи роҳҳои пулакӣ дар Қазоқистон низ бисёриҳо моҳият ва манфиати ин иқдомро дуруст дарк намекарданд. Вале бо гузашти вақти на он қадар зиёд бартариҳои ин иқдом ҳувайдо ва назари мардум ба он комилан мусбат гардид. Айни замон дар роҳҳои пулакии ин кишвар 12 нуқтаи вазнченкунӣ фаъол буда, саҳми онҳо дар пешгирии ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо вазни аз меъёр зиёд арзанда аст. Муҳим он аст, ки иқдоми мазкур натиҷаи хуб дода, ба ин раванд ширкатҳои муштараки форонсавӣ ва тайванӣ ҷалб шудаанд.

Ҳамсоякишвари мо - Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ ба ин масъала бетафовут нест. Алъон истифодаи 3 роҳ ва ду туннели дар ағбаҳо воқеъбуда баъд аз пардохти маблағ имконпазир мегардад. Дар ин бора се сол пеш Агентии иттилотии “УЗнюс” иттилоъ дода буд. Иқдоми мазкур дар доираи ҳамкории бахши хусусӣ ва давлат амалӣ шуда, беҳбуд бахшидани ҳолати роҳҳо ва сатҳу сифати хизматрасонии нақлиётӣ ҳадафҳои асосии он маҳсуб мешаванд. Аввалин туннели пулакӣ дар ағбаи Камчиқ мавриди истифода қарор гирифта, минбаъд шохроҳҳои Сирдарё - Бахт, Тошкент - Самарқанд ва Тошкент - Андичон пулакӣ шуданд.

Амалишавии иқдоми мазкур зери назорати ҷиддии Президенти Ӯзбекистон қарор дошта, муовинони якуми вазирони молия ва нақлиёт барои сари вақт ичро намудан муваззаф шудаанд. Минбаъд дар ин кишвар се шохроҳ: Тошкент - Андичон, Тошкент - Самарқанд ва Самарканд - Шаҳрисабз пулакӣ мегарданд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки дар ин кишвар корҳо дар самти ҷорӣ намудани истифодаи роҳ бо пардохти маблағ соли 2018 оғоз гардида, дар назар аст, ки қонуни алоҳидаи танзимкунандаи ин раванд қабул гардад.

Ҳамсоякишвари дигар - Ҷумҳурии Қирғизистон низ аз ин раванд дар канор набуда, чанде пеш дар парлумони Ҷумҳурии Қирғизистон - Жогорку Кенеш тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Оид ба роҳҳои автомобилгард» мавриди баррасии вакилон қарор гирифт. Дар ин бора нашрияи «24.Kg» иттилоъ дода буд. Муҳимият ва ҷолибияти қонуни мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки тибқи тағйиру иловаҳои воридмегардида минбаъд дар Қирғизистон ба ичора додани роҳҳо роич мегардад. Вазири нақлиёт ва роҳҳои ин кишвар зимни шарҳи масъалаи мазкур минҷумла гуфта буд, ки дар навбати аввал роҳи Бишкек - Чалдовар ва дар марҳилаи дувум роҳи ноҳияи Узгени ин кишвар ба ичора дода шуда, ин раванд минбаъд тавсеа хоҳад ёфт.

Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистонро мисол овардани мо рамзу ҳикмат дорад. Зеро онҳо кишварҳои ҳамҷавор маҳсуб ёфта, бо Ҷумҳурии Тоҷикистон умумияти зиёд доранд. Аз ҷониби дигар, агар мо кишварҳои хориҷи дурро интихоб мекардем, зери боронии маломати баъзе «бузургон» мемондем, ки муқоисаи Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафта, аз ҷумла мамлакатҳои Аврупо ҷоиз нест.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

ООО "РСМ Точикистон"
Исх. № 10/26
31.03 2026

RSM

RSM Tajikistan
Business center "SOZIDANIE"
Ayni street 48, 4th floor
Dushanbe
734024
Tajikistan
T +992 (44) 6006370
rsm.tj

ХУЛОСАИ АУДИТОРИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳмдорон ва Раёсати Ҷамъияти Саҳҳомии Пӯшидаи «Фридом Бонк Тоҷикистон»:

Ақида
Мо аудити ҳисоботи молиявии Ҷамъияти Саҳҳомии Пӯшидаи «Фридом Бонк Тоҷикистон» (минбаъд «Бонк») -ро гузаронидем, ки аз Ҳисобот оид ба вазъи молиявии Бонк ба ҳолати 31 декабри соли 2025, Ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромадҳои маҷмӯй, Ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармоя ва Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар санаи нишондодашуда ба охир расидааст, инчунин эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявӣ, аз он ҷумла шарҳи мухтасари муқаррароти асосии сиёсати баҳисобгирӣ иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии вазъи молиявии Бонкро ба ҳолати 31 декабри соли 2025 бо тамоми ҷанбаҳои муҳимаш, инчунин натиҷаҳои молиявии он ва гардиши воситаҳои пулиро барои соле, ки дар санаи нишондодашуда ба охир расидааст, тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) инъикос менамояд.

Асос барои ифодаи ақида
Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит (минбаъд «СБА») ба анҷом расонидем. Ӯҳдадории мо мутобиқи стандартҳои мазкур поёнтар, дар фасли «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявии маҷмӯй» дар хулосаи аудитории мо тавсиф карда мешаванд. Мо нисбат ба Бонк мустақил буда, мутобиқи кодекси Байналмилалии ахлоқии муҳосиботҳои касбӣ ва Шурои стандартҳои байналмилалии ахлоқии муҳосибҳо («Кодекс») ва талаботҳои ахлоқӣ, ки барои аудити ҳисоботи молиявии маҷмӯии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда аст, инчунин ӯҳдадориҳои дигари ахлоқии худро мутобиқи талаботҳои мазкур иҷро намудем. Ба ақидаи мо, далелҳои аудитории аз ҷониби мо гирифташуда, барои истифода намудани онҳо ҳамчун асос барои баён намудани ақидаи мо кифоя ва қобили қабул мебошанд

Масъулияти Роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ва барои ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ ҳастанд
Роҳбарият барои омоданамой ва ба таври саҳеҳ пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии зикргардида мутобиқи СБҲМ ва барои низоми назорати дохилӣ, ки онро Роҳбарият барои омоданамоии ҳисоботи

THE POWER OF BEING UNDERSTOOD
ASSURANCE | TAX | CONSULTING
